Бани одам аъзои якдигаранд!

Овози тоҷик

آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 мебарояд

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

РӮЗНОМАИ ОЛИЙ МАҶЛИС ВА ДЕВОНИ ВАЗИРОНИ ҶУМҲУРИЯТИ ӮЗБЕКИСТОН

13 марти соли 2002. Чоршанбе № 18 (12761)

Дар фурӯш нархи озод. Рӯзнома соати 17.20 имзо гардид.

Ба Аълоҳазрат, ҷаноби Ислом Каримов, Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон

Ҷаноби Президент,

Ба ба роҳ мондани муносибатҳои дипломатии байни мамлакатҳоямон даҳ сол пур шуд. Ба ҳамин муносибат ба шарафи ирсоли дархостҳои беҳтарини хушбахтӣ, шукуфонӣ ва комёбиҳо ба Шумо ва халқи ӯзбек муяссар гардидам.

Қайди санаи мазкур ба мо сабаб оиди ҷамъбаст намудани ҳамкории пурсамарамон дар бадали даҳ соли сипаришуда гардид. Роҳи якҷоя тайкардаамон ба халқҳоямон имкон дод, ки яқдигарро хуб фаҳмида гиранд. Муносибатҳои сиёсии мо раванди ғанишавиро аз сар мегузаронад. Ҳамкорӣ дар соҳаи фарҳанг, равобити илмиву техникӣ ба хотири фаровонии мамлакатҳои ба ҳамдигар дӯсти мо инкишоф меёбаду ба дарки мероси маънавиамон ва барои ба вуҷуд овардани авлоди наврас нигаронда шудааст. Соли 1999 мо асосро барои ҳамкориамон дар соҳаи дифоъ гузоштем. Соли 2001 Комиссияи байниҳукуматии иқтисодӣ ба фаъолият шурӯъ намуда, маҷлиси аввали он моҳи июли соли 2001 дар Тошканд ба амал омад. Ва билохир, соли гузашта шомил гардидани мамлакати шумо ба рӯйхати мамлакатҳое, ки дар давраи гузариш мебошанду аз имтиёзҳо бештар истифода мебаранд, имконият дод худи соли ҷорӣ барои амалӣ гардондани лоиҳа оиди бо об таъмин кардани шаҳри Қаршӣ ва вилояти Қашқадарё шурӯъ карда шавад.

Рушди ҳамкорӣ дар соҳаи сохтори давлатӣ, минҷумла дар соҳаи молия, ҳамкорӣ байни сохторҳои мақомоти умури дохила, аз моҳи октябри соли 2001 таъин гардидани атташеи полиса, ки ваколати он ба тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ дахлдор аст, ҳамчунин баланд бардоштани нақши Паҷӯҳишгоҳи Фаронса оид ба омӯзиши Осиёи Марказӣ аз муназзамӣ ва гуногуншаклии ҳамкорӣ байни мамлакатҳоямон гувоҳӣ медиҳад.

Дар Фаронса Ӯзбекистонро торафт бештар дарк мекунанд. Фарҳанг, анъанот ва бартарияти он майлу шавқи калонро ҳам аз ҷониби сохторҳои давлатӣ, ҳам аз ҷониби ширкатҳои хусусӣ ба вуҷуд овардааст. Фаронса, аз ҷониби худ минбаъд низ муколама ва ҳамкории худро бо Ӯзбекистон дар ҳамаи соҳаҳо амиқ мегардонад.

Ҷаноби Президент, эҳтиромӣ калонро нисбататон доштаамро қабул фармоед.

Бо дархостҳои беҳтарин,

Жак ШИРАК,
Президенти Ҷумҳурияти Фаронса.

Муборакбодии идона ба бонувони Ӯзбекистон

Мӯҳтарам модарон, хоҳаронӣ азиз, духтарони мунис, пеш аз ҳама аз таҳти дил самимона ҳамаи шумоёнро ба Иди дӯстдоштаатон 8 Март — Рӯзи байналхалқии бонувон муборакбод менамоям.

Бешак, ин иди зебогӣ ва нафосат дар байни дигар санаву тантанаҳои фархундае, ки дар мамлакатамон қайд карда мешаванд, мақоми махсусро ишғол намудааст.

Ва он чиз, ки иди мазкур маҳз ба фасли баҳор, вақте ки табиат наву ҷавон мегардад, бедор мешавад, рост меояд, ба пиндорам, маънои ба худ хоси амиқеро молик мебошад.

Моҳияти он дар ҳамин зоҳир мегардад, ки бонувон — ин мӯъҷизаи табиат буда, бо зебогӣ, меҳру муҳаббат ва саховати худ ба ҳаётамон файзу барака мебахшад, ба ана ҳамин фасли нотакрор — баҳор ниҳоят монанд ҳам аст.

Шояд аз ҳамин сабаб ҳангоми ба хотир овардани модар, ҳамсари садоқатманд, хоҳарони мунис, ҳангоми мулоқоту муошират бо онҳо дили кас аз ҳарорати меҳри махсус саршор мегардад.

Боз як сабаби эҳтиромӣ қадркунии волои бонувон, ки нигаҳбони оташи хонадонамон, рамзи абадан идома ёфтани ҳаёт мебошанд, ҳамин мебошад, ки ба дили инсон ҳисси некӣ бо шири модар, аллаи модар ҷойгир мешавад. Ба туфайли меҳру муҳаббат ва тарбияи модар инсон ҳамчун шахсият ба камол мерасад, ки Ватан ва халқи худро садоқатмандона дӯст медорад.

Ва он қонуни азалӣ ва тағйирнопазири табиат буда, онро ягон кас инкор карда наметавонад.

Дар ҷаҳон бисёр мизонҳое ҳастанд, ки обрӯву эътибор, дараҷаи фарҳанги чамъият ва давлатро муайян мекунанд. Вале дар айёми дилхоҳ, дар ҷамъияти дилхоҳ як ҷенак, агар маҷозан гӯем, оинае ҳаст, ки аз чиҳати ахлоқӣ такмил ёфтани миллат, халқро акс мекунад. Ва он муносибати давлат, ҷамъият нисбати бонувон, ҳуқуқҳои онҳо, ҳифзи манфиатҳои ҳаётиашон аст.

Сабаббои таъриҳ гувоҳӣ медиҳад: халқе, ки нисбати бонувон эҳтиром зоҳир мекунад, онҳоро эъзоз менамояд, аз ягон чиз камӣ намебинад, ба мақсадҳои пешгузоштаи хеш мерасад, пешрафт ва шукуфониро таъмин месозад.

Дар ин ҷо махсус зикр кардани ҳастам, ки баробари таҳкими неруи иқтисодӣ, иқтидори мамлакатамон, баланд бардоштани сатҳи зиндагонӣ бешак, имкониятҳо барои боз ҳам бештар зоҳир кардани диққату эътибор нисбати шумоён, бонувони иззатманд, меафзояд, имтиёзе, ки давлат медиҳад, вусъат меёбад, то ки ҳаёти шумоён ҳам аз нигоҳи моддӣ ва ҳам маънавӣ ғанӣ гардад.

Алқисса, мо, фарзандони ин сарзамин қувваю ғайрати худро барои ошкор сохтани ин имкониятҳо, минбаъда баланд бардоштани обрӯву эътибори бонувонамон дар ҳаёти рӯзмарра, оила ва ҷамъият, ба вуҷуд овардани шароити зарурӣ барои пурра зоҳир кардани қобилият, дониш ва ақлу заковати онҳо дареғ намедорем.

Маҳз чунин муносибат, чунин рафтор мазмуну моҳияти асосии корҳоямонро ташкил медиҳад, ки мо имрӯзҳо ба иҷро мерасонем ва онро дар оянда идома медиҳем.

Зеро ҳамаи мо хуб дарк кардаем, ки ҳар чӣ қадар ҳаёти бонувони мамлакатамон озод, пурмазмуну хушбахтона гардад, авлоди наврасе, ки ба туфайли меҳнат, ғамхорӣ, меҳру муҳаббат ва саховатмандии онҳо тарбия меёбанд, ҳамон қадар ҳаёти хушбахтона, озодона ва моломолро аз сар мегузаронанд.

Яке аз вазифаҳои муҳиму умдаеро, ки дар назди мо ҳоли ҳозир истодааст, мо дар амал татбиқ кардани ғояи неки «Модари солим — фарзанди солим» мебинем ва дар бобати иҷрои ин кор пеш аз ҳама хоҳарони азиз, ба таҷрибаи бои ҳаётии шумоён, арзишҳои аз ҳама беҳтарини инсоният такя менамоем.

Дар ин рӯзи ҳаяҷонбахшу фаромӯшнопазир бори дигар шумоён, азизонамонро бо иди фархунда муборакбод менамоям, ба шумоён тандурустӣ, хушбахтӣ, сулҳу осоиш ва мӯъҳтадилиро таманно дорам.

Бигузор, тамоми орзуву омоли некатон ҷомаи амал пӯшанд!

Бигузор, ба шумоён дидани камолу бахту саодати фарзандон, наберагону абергон муяссар гардад!

Бигузор, Парвардигор шумоёнро дар паноҳи худ нигоҳ дорад!

Ислом КАРИМОВ,
Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон.

Сафари Президент ба Амрико

Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом КАРИМОВ 11 март бо сафари расмӣ ба Иёлоти Муттаҳидаи Амрико рафт.

ИМА давлатест, ки яке аз аввалинҳо шуда истиқлолияти Ӯзбекистонро эътироф намуд. Дар давраи сипаришуда байни ду мамлакат як қатор сафарҳо амалӣ гардонда, бисёр ҳуҷҷатҳо ба имзо расиданд ва асоси мустаҳками ҳуқуқии ҳамкорӣ ба вуҷуд оварда шуд. Алҳол байни мамлакатҳоямон ҳамкории ба ҳамдигар муфид дар соҳаҳои муҳталиф ба роҳ монда шудааст.

Президенти мамлакатамон ҳангоми мусоҳибаи худ пеш аз парвоз зикр намуд, ки сафари мазкур муносибатҳои байни Ӯзбекистон ва ИМА-ро ба пояи нав баланд мебардорад.

— Дар рафти сафар ба имзо расондани шаш ҳуҷҷат дар назар дошта шудааст, — гуфт Ислом Каримов. — Дар байни онҳо асосиаш ин ҳуҷҷати нав дар бораи шарикӣ ва ҳамкории стратегӣ байни Ӯзбекистон ва ИМА мебошад. Вай имкониятҳои калонро барои рушди равобитамон дар ҳамаи соҳаҳо, минбаъда босамар истифода бурдани имкониятҳои мавҷуда фароҳам меоварад. Ҳуҷҷати мазкур махсусан аз нигоҳи таъмини дахлнопазирии сарҳадҳои Ӯзбекистон муҳим буда, кафолатгари амнияти мамлакатамон мегардад.

Умуман сафари кунунӣ ба ИМА барои тезтар ба даст омадани чунин мақсадҳо, аз қабили амиқ гардондани ислоҳоти иқтисодӣ дар Ӯзбекистон, сохтани чамъияти озод, демократӣ ва шаҳрвандӣ, ки асосашро иқтисоди бозаргонӣ ташкил медиҳад, таъмини ҳуқуқҳои инсонӣ, алқисса дар байни мамлакатҳои муттараққӣ ҷои сазовор пайдо кардани мамлакатамон кӯмак мерасонад. Дар рафти сафари чорӯза, ки мувофиқи таклифи Президенти ИМА Ҷорҷ Буш амалӣ гардонда мешавад, сарвари давлатамон бо Президенти ИМА гуфтушунидҳо мегузаронад, бо аъзоёни Конгресс намояндагони доираҳои корчаллон вомехӯрад.

(ӮзА).

✲✲✲✲✲

ЛОНДОН. 11 март. **Мухбири махсуси ӮзА Анвар БОБОЕВ чунин хабар расонд:**

Худи ҳамон рӯз ҳайати вакилони Ӯзбекистон таҳти сарпарастии Президент Ислом Каримов дар майдони ҳавоии «Стэнстед»-и пойтахти Британиёи Кабир-Лондон таваккуф намуданд. Сарвари давлатамонро намояндагони идораи сиёсати берунаи мамлакати мазкур пешвоз гирифтанд.

Дар рафти гуфтушунидҳо оид ба рушди минбаъдаи муносибатҳо байни Ӯзбекистон ва Британиёи Кабир, пешомадҳои ҳамкорӣ дар соҳаҳои муҳталиф, ҳамчунин оид ба масъалаҳое мубодилаи афкор ба амал омад, ки ҷонибҳо ба он майлу шавқ доштанд.

Баъди вохӯрӣ бо шахсони расмии Британиёи Кабир ҳайати вакилони Ӯзбекистон ба ИМА парвоз намуд.

✦ Қарори Кенгаши Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ✦

Дар бораи даъват намудани иҷлосияи ҳаштуми Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ӯзбекистон даъвати дуюм

Кенгаши Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ӯзбекистон **карор мекунад:**

Иҷлосияи ҳаштуми Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ӯзбекистон даъвати дуюм 4 апрели соли 2002 дар шаҳри Тошканд даъват карда мешавад:

Раиси Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Э. ХАЛИЛОВ.

шаҳри Тошканд,
5 марти соли 2002.

✦✦✦

Ба баррасии иҷлосияи ҳаштуми Олий маҷлиси Ҷумҳурияти Ӯзбекистон гузоштани масъалаҳои зерин дар назар дошта шудаанд:

1. Дар бораи натичаҳои раъйпурсии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон.

2. Дар бораи консепсияи корҳои қонунбарорӣ оид ба амалӣ гардондани қарорҳои раъйпурсии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон.

3. Дар хусуси лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурияти Ӯзбекистон «Дар бораи натичаҳои раъйпурсӣ ва усулиятҳои асосии ташкилӣ рукнҳои қонунбарорӣ, иҷроия ва судии ҳокимияти давлатӣ».

4. Дар бораи иҷрои Бучаи давлатии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон дар соли 2001.

5. Дар бораи лоиҳаи Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон (қироати дуюм).

6. Дар хусуси лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурияти Ӯзбекистон «Дар бораи иттиҳодҳои вомгузорӣ» (қироати дуюм).

7. Дар хусуси лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурияти Ӯзбекистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» (қироати дуюм).

8. Дар хусуси лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурияти Ӯзбекистон «Дар бораи кафолатҳои ҳифзи амонатҳои шаҳрвандон дар бонкҳо» (қироати дуюм).

9. Дар хусуси лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурияти Ӯзбекистон «Дар бораи партовҳо» (қироати дуюм).

10. Дар хусуси даровардани тағйироту иловаҳо ба як қатор санадҳои қонунгузории Ҷумҳурияти Ӯзбекистон.

11. Дар бораи ратификатсияи шартномаву созишномаҳои байналхалқӣ.

✦✦✦

Баробари ин масъалаҳо ба муҳокимаи вакилони халқ гузоштани дигар масъалаҳое ҳам пешбинӣ гардидаанд, ки ба ваколати Олий Маҷлис мансубанд.

Ӣр аҳл — кор саҳл

Аҳли меҳнати Ҷамъияти саҳҳомии заводи механикаи Марғелон, ки тобеи иттиҳодияи ҷумҳурии «Ӯзбек ипаги» мебошад, солҳои охир ба комёбиҳои калон муваффақ гардида, ҳосилнокии баланди меҳнатро ба даст меоваранд. Чунончӣ, корхона соли гузашта нақшаро ба 114 фоиз ба иҷро расонда, қариб ёздаҳ миллион сӯм даромади софро ба даст овард.

Имрӯзҳо дар ҳар қитъаи корҳ рӯҳбаландӣ ҳукм меронад. Алалхусус дар сеҳҳои механика, челонгарӣ, маҳсулоти ғайриандозавӣ, азнавкоркарди чӯб 150 нафар кор карда, суполишро барзиёду хушсифат ба иҷро мерасонанд. Дар ин бобат аҳли сехи механика намунаи ибрат мебошад ва ҳамагон аз як гиребон сар бароварда, барои афзудани ҳосилнокии меҳнати 22 дастгоҳи электронӣ мекӯшанду сирри комёбиҳои муттасили худро дар аҳливу тифоқии худ медонанд. Маҳсули дасти онҳо ба корхонаҳои Иттиҳодияи ҷумҳурии «Ӯзбек ипаги» ва дигар ҷамоатҳои саноатии ҷумҳурият роҳ пеш мегирад.

Дар сурат: коргарони сехи механика **Зуҳриддин ТЕШАБОЕВ** ва **Нурмат ЙӮЛДОШЕВ.**

Аксбардор: Муқимҷон ҚОДИРОВ (ӮзА).

Маҷлиси гурӯҳи корӣ

Мувофиқи қарори Кенгаши Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ӯзбекистон гурӯҳи кории вакилони халқ оид ба тайёрӣ ва гузарондани иҷлосияи навбатии ҳаштуми парлумон созмон ёфта, маҷлиси аввалини он ба амал омад.

Сарвари гурӯҳи вакилони халқ, ҷонишини Раиси Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Б.Бугров маҷлисро кушода, зикр намуд, ки тайёрӣ ба иҷлосияи ҳаштуми Олий маҷлис даъвати дуюм масъулияти калонро ба зиммаи тамоми вакилони халқ ва Котиботи Олий Маҷлис гузоштааст ва ўҳдадор месозад, ки онро дар дараҷаи баланди сиёсӣ ва ташкилӣ гузаронанд. Диққату эътибори асосӣ ба зарурати аз нигоҳи касбӣ муносибат кардан ба ҳаллу фасли масъалаҳои алоқаманди фароҳам овардани шароити мусоид ба фаъолияти пурсамари вакилони халқ нигаронда шуд. Зикр ёфт, ки бомуваффақият гузаштани иҷлосияи парлумон аз бисёр ҷиҳат ба он чӣ тавр тайёрӣ дидани кумитаҳо ва комиссияҳои парлумон, фраксияҳои вакилони халқи ҳизбҳои сиёсӣ ва блоки вакилони халқ аз мақомоти сернамояндаи ҳокимият ва гурӯҳи ташаббускори интихобкунандагон вобастагӣ дорад. Пеш аз ҳама зарур аст, ки лоиҳаи ҳуҷҷатҳое, ки ба баррасии иҷлосия пешкаш мегарданд, сари вақт ва хушсифат таҳия карда, як қатор масъалаҳои ташкиливу техникӣ ҳаллу фасл ёбанд.

Барои аниқ ба роҳ мондани фаъолияти гурӯҳи кории вакилони халқ дар таркиби он се зергурӯҳ созмон ёфт. Вазифаи асосии яке аз ин зергурӯҳ сари вақт таҳия намудани лоиҳаи қонунҳо, ташкили сари вақт расонда додани маводҳои иҷлосия ба вакилони халқ умум гардондани таклифу мулоҳизаҳо оид ба лоиҳаи қонунҳо ва дигар ҳуҷҷатҳое мебошад, ки ба баррасии иҷлосия пешкаш гардидаанд. Сарварӣ кардан ба фаъолияти ин гурӯҳ ба А.Турсунов — раиси Кумита оид ба масъалаҳои дифоъ ва амният супурда шуд.

Зергурӯҳе, ки ба кори он раиси кумита оид ба масъалаҳои илм, таълим, фарҳанг ва варзиш Н.Чӯраев сарварӣ мекунад, даъват гардидааст, ки рӯшан кардани рафти тайёрӣ ва гузарондани иҷлосияи парлумонро дар воситаҳои ахбори оммавӣ, хуб кор кардани низоми электронии овозҳиҳои «Рада-Маҷлис», тарҷумаи таҳтуллафзии рафти маҷлисҳоро дар иҷлосия барои паёмнигороне таъмин созад, ки номнавис гардидаанд.

Зергурӯҳ таҳти сарпарастии раиси Кумита оид ба масъалаҳои аграрӣ, хоҷагии об ва озуқаворӣ И.Қаландаров бо масъалаҳои ҷойгир сохтани вакилони халқ, ташкили фаъолияти хизматрасонии нақлиётӣ, тиббӣ, маишӣ, фарҳангӣ ва дигар намудҳои хизмат ба иштирокдорони иҷлосия машғул мегардад.

Дар маҷлиси гурӯҳи кории вакилони халқ нақшаи корҳо ва ҳатман муҳокима кардани масъалаҳои муҳталифи тайёрӣ ва гузарондани иҷлосияи дар пешистода тасдиқ гардид.

Думоҳагии ободгардонӣ

Дар Девони Вазирон маҷлис бахшида ба тайёрӣ ба иди умумимахалқии Наврӯз, ҳамчунин масъалаҳои таъмини иҷрои Амри ҳукумат аз 28 феврали соли кунун дар бораи ташкили корҳои баҳорӣ ва беҳдошти минбаъдаи вазъи санитариву эпидемиологии маҳали истиқомати шаҳрвандон ба амал омад. Дар он сарварони Шӯрои Вазирони Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, ҳокимиятҳои вилоятҳо ва ноҳияҳо, ҳокимияти шаҳри Тошканд, вазорату идораҳо, намояндагони ташкилотҳои ҷамъиятӣ иштирок намуданд.

Чуноне ки дар маҷлис, ки таҳти сарпарастии ҷонишини аввали Нахуствазир К.Тӯлаганов гузашт, зикр гардид, мувофиқи Амри ҳукумат дар мамлакатамон аз 1 март думоҳагии ободгардонии маҳали истиқомати аҳолӣ оғоз ёфт. Дар доираи тадбири мазкур, ки то 1 май давом мекунад, рейдҳо оид ба назорат аз болои риояи қоидаҳо ва меъёри санитарӣ дар муассисаҳои савдо ва хӯроки умумӣ, муассисаҳои томактабӣ ва мактабҳо, нақлиёти ҷамъиятӣ, манбаъҳои обтаъминкунии аҳолии шаҳру деҳот гузаронда мешаванд. Дар мавзеъҳо ва маҳаллаҳо ниҳоли дарахтон шинонда, парвариши дарахту буттаҳо ба роҳ монда, аҳлоти бинокориву маишӣ ҷамъ оварда, бароварда мешавад. Дар тадбирҳои мазкур ташкилоту муассисаҳо, мақомоти ҳудидора, тамоми аҳолӣ иштирок мекунанд.

Мувофиқи Амр 16 март дар мамлакатамон гузарондани ҳашари умумимахалқӣ пешбинӣ гардидааст, ки маблағи аз он ҳосилгардида мувофиқи тартиби муқарраршуда ба ҳисобсурати шӯъбаҳои ҳудудии Бунёди «Маҳалла» гузаронда мешаванд.

Дар маҷлис ба шахсони мансабдори идораву ташкилотҳои дохлдор фармоишу супориш аз рӯи бо кор пурра таъмин кардани иштирокдорон дода шуд, ки мебояд дар бадали думоҳагӣ ба иҷро расонда шаванд.

(ӮзА).

Чун Ватан мӯқаддас аст

Бонувон бо зебогӣ ва некхоҳии худ зеби ҳаётанд. Онҳо рамзи муҳаббат ва садоқатмандӣ мебошанд. Вақте ки бонувон меғӯянд, пеши назарамон пеш аз ҳама симои бузурги табарруки модар пайдо мегардад. Инсон ба туфайли муҳаббати модарӣ, саховати модарӣ тамоми чизҳои беҳтарину неки ҳаётро дарк мекунаду аз он сабақ мебардорад. Зеро лаҳзаҳои аз ҳама ширини ҳаётамон, хотираҳои фаромӯшнопазири зиндагониамон бо айёми аз ҳама беҳтарини ҳаётамон алоқаманд мебошад, ки ҳамроҳи модар гузарондаем. Аз ҳамин сабаб, Модар чун Ватан мӯқаддас аст, чун ин сарзамини қадима, ки моро ба камол расондааст, азизу мӯътабар мебошад.

Дар Қасри «Туркистон»-и пойтахт маҷлиси мутантан бахшида ба Рӯзи байналхалқии бонувон — 8 март ба амал омад.

Шабнишиниро ҳокими шаҳри Тошканд Р.Шоабдурахмонов кушод.

Муборакбодии Президент Ислом Каримовро ба унвони бонувони мамлакатамон Мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Х.Султонов ҳонда дод.

Дар шабнишинӣ ҷонишини Нахуствазир, раиси Кумитаи бонувони Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Д.Ғуломова суханронӣ кард. Вай зикр намуд, ки бонувонамон дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт, таълим, тандурустӣ, илму фарҳанг, дар шукуфонии минбаъдаи мамлакатамон, ки дар он сулҳу салоҳ, осоиштагӣ, дӯстӣ ва ризоият, муҳаббат ҳукмронӣ мекунад, фаъолона иштирок доранд. Ҳоли ҳозир дар мамлакатамон имкониятҳо барои иштироки фаъолонаи бонувон дар соҳаи иҷтимоиву иқтисодӣ фароҳам оварда шудаанд. Фароҳам овардани шароити мусоиди ҳаёт барои бонувон дар мамлакатамон ба дараҷаи сиёсати давлатӣ бардошта шудааст.

Дар шабнишинӣ мувофиқи қарори Девони Вазирон «Дар бораи мукофотонидан бо мукофоти давлатии ба номи Зулфия» мутантан духтарони пуриқтидор пешвоз гирифта шуданд, ки соҳиби ин мукофот гардидаанд. Ба онҳо ифтихорномаҳо ва нишони ҷоизадорӣ супурда шуданд.

Қаҳрамони Ӯзбекистон, шоири мардумӣ Абдулло Орипов, барандагони Мукофоти давлатии ба номи Зулфия А.Ортиқова, М.Улашева ба сарвари давлатамон барои ҷонибдории ҳаматарафаи ҷавонон, ғамхориаш барои фароҳам овардани кулли шароит оиди ошкор сохтани соҳибистеъдодон ва камоли ҳамачонибаи онҳо миннатдорӣ изҳор намуданд.

Шабнишинӣ бо консерти калони идонаи устодони санъат ва иҷрогарони ҷавон ба анҷом расид.

Дар тадбир Раиси Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Э.Халилов, Нахуствазир Ӯ.Султонов, Мушовирони давлатии Президент, ҷонишинони Раиси Олий Маҷлис, ҷонишинони Нахуствазир иштирок намуданд.

Назокат УСМОНОВА,
мухбири ӮзА.

Ба пешвози Наврӯз

Аз рӯи барномаҳои калони идона

Алҳол дар сар то сари ҷумҳурият тайёрӣ ба муташаккилона ва дар савияи баланд гузарондани иди мардумии Наврӯз авҷ гирифтааст. Дар шаҳру деҳоти Ӯзбекистон аз рӯи барномаҳои махсуси идона, ки ба шарафи иди аз ҳама қадимаву азизамон таҳия гардидаанд, тадбирҳо ҷомаи амал мепӯшанд. Дар поён аз хусуси баъзеи онҳо ҳарф зада мешавад.

Маркази фарҳанги байниттиҳодии иттифоққои касабаи вилояти Тошканд барномаи калони гузарондани иди умумихалқии Наврӯзро таҳия намуда, кормандонаш алҳол аз паи амалӣ гардондани онҳо мебошанд.

Мувофиқи барномаи мазкур дар аксарияти хонаҳои меҳрубонӣ иди калони фолклориву этнографӣ таҳти унвони «Ассалом, Наврӯз» гузаронда мешавад. Голибон муносиб қадр мегарданд.

Дар ноҳияи Юқоричирчиқи вилоят ҳашарҳо бахшида ба иди умумихалқӣ гузаронда шуда, аҳли ноҳия дар думоҳагии ободгардонӣ фаъолона ширкат меварзанд. Ба миқдори зиёд ниҳоли дарахтони боровару манзаравӣ шинонда мешаванд. Кӯчаҳо, хиёбонҳо, гулгаштҳо ба бар пироҳани идона гирифта, ҳусни худро ба таври шинохтанашаванда тағйир медиҳанд.

Дар шаҳру ноҳияи Бекобод ҳам ба Наврӯз тайёрӣ авҷ гирифтааст. Тамоми корҳо мувофиқи нақшае ба иҷро расонда мешаванд, ки ҳокимиятҳо тартиб додаанд. Корҳои ободонӣ ҳам вусъати худро пайдо кардаанд.

Бинокорон ба иди мардумӣ бо тӯҳфаҳои муносиб меваранд. Баробари бахрабардории даҳҳо обектҳои таъиноти маданиву маишӣ, шабакаҳои нақли газу об аз тармим мебароянд. Намояндагони ташкилотҳои ҷамъиятӣ аз ҳолу аҳволи оилаҳои камбисот, маълӯлон, саҳгирон хабар мегиранд.

Гирду атрофи шахри маъдангудозон тоза карда мешавад.

Дар ноҳияи Бекобод бошад, ба истифода супурдани бинои коллеҷи нави касбу ҳунари таъиноти маишӣ дар назар дошта шудааст.

Ҳокимияти шаҳри Алмалиқ дар бобати муносиб пешвоз гирифтани Наврӯз қарорро дар хусуси гузарондани думоҳагии ободгардонӣ қабул кардааст. Алҳол ҳама сокинони шаҳр аз паи ба рӯи об баровардани нақшаҳо мебошанд. Мувофиқи қарор имрӯз дар шаҳр ҳашари умумихалқӣ гузаронда мешавад. Шӯъбаи молия барои сабзу хуррам гардондани кӯчаву роҳравҳо маблағ ҷудо кард. Софу бегубор гардондани муҳити атроф, диққату эътибор ба тозагӣ ба мадди аввал гузашта шудааст. Сайрҳоҳ, боғу хиёбонҳое, ки тантанаҳои наврӯзӣ сурат мегиранд, аз ҳоло ба бар либоси нав гирифтаанд. Зеро дар аксар маҳаллаҳои шаҳр, мавзеъҳо корҳо оид ба кабудизоркунӣ ва ободгардонӣ кайҳо сурат гирифтаанд. Чамоаҳои санъаткорон ва ҳаваскорони санъат барои хубу марғуб, хотирмон гузарондани иди мардумӣ барномаҳои рангини ҳудро таҳия намуда, аз шоҳасарҳои халқӣ васеъ истифода мебаранд.

Аҳли маҳаллаи «Олтинтеппа»-и ноҳияи Мирзо Улуғбеки шаҳри Тошканд низ ба Наврӯз тайёрии ҳаматарафа мебинанд. Тадбирҳои зарурӣ андешида шудаанд. Аз он ҷумла, барои рангоранг шудани барномаҳои ҳунарӣ диққату эътибори калон дода мешавад. Ба ин кор ба ғайр аз санъаткорони касбӣ ҷавонписарону духтарон ҷалб карда шуданд, ки ҳаваскор мебошанд. Минҷумла, дастаи ҳунарии лӯхтабозон таҳти сарпарастии Анна Семакова барномаи махсусро таҳия сохта, онро намоиш медиҳанд. Дар рӯзҳои ҷашнгирии Наврӯз бошад, дар хиёбони марказии ноҳия ин барнома бо пурраги ба ҳукми тамошогарон пешкаш карда мешавад.

Чуноне ки аз хату барқиҳо, ки ба унвони рӯзнома мерасанд, дар сар то сар ҷумҳурият тайёрӣ ба иди мардумии Наврӯз авҷ гирифта, ҳамагон аз паи ҳозир кардани тӯҳфаҳои муносиб бар он мебошанд. Зеро халқи мо одати хубе дорад: ҳар як ҷашну тӯйро бо тӯҳфаи муносиб пешвоз мегирад.

(Хабарнигори мо).

Шарҳи рӯзнома

Ӯзбекистон – ИМА: уфуқҳои нави ҳамкорӣ

Равобит байни Ӯзбекистон ва ИМА дар ҳамаи соҳаҳо пайваста мустаҳкам мегардад. Махсусан баъди ба даст омадани истиқлолияти давлатии Ӯзбекистон ин равобит бо маззмуну мундаричаи нав ғанӣ гардид. Асоси ин ҳамкориву равобитро саъю кӯшиши ҳар ду ҷониб ойди нигоҳ доштани сулҳу осоиш ва мӯътадилӣ дар минтақаву саросари ҷаҳон, рушди муносибатҳои ба ҳамдигар муфиду баробарҳуқуқона бахши манфиатҳои халқҳову давлатҳоямон ташкил медиҳад.

Ӯзбекистон, ки муборизи фаъол бар алайҳи ҳар гуна таҳдидҳои трансмиллӣ, аз қабили терроризми байналхалқӣ, нашъаҷаллобӣ, фурӯши ғайриқонунии силоҳ ва технология буд, аз ҷониби Амрико ҷонибдорӣ карда шуд ва баъди рӯх додани воқеаҳои фоҷиабори 11 сентябри Амрико ин муносибату ҳамкорӣ маҷрои нави сифатиро пайдо кард. Гуфтугузори сарварони ду давлат — И.Каримов ва Ҷ.Буш аз тариқи телефон, ба Ӯзбекистон сафар кардани якчанд нафар роҳбарони олимаҳом эътимоди байниҳамдигариро қавӣ гардонд, ба фароҳам овардани шароити хуб ва ҳамдигарфаҳмӣ дар бобати ҳаллу фасли масъалаҳое мусоидат кард, ки сарвари давлати мо диққату эътибори ҷомеаи ҷаҳониро ба онҳо ҷалб сохта буд. Алалхусус, масъалаи Афғонистон ҳаллу фасли ҳудро меёбад Амрико дар ин бобат ба кӯмаки Ӯзбекистон баҳои баланд медиҳад. Аз он ҷумла кӯмаки Ӯзбекистонро дар бобати расонда додани борҳои инсонпарварона ба Афғонистон воло арзёбӣ мекунад.

Баробари ин ИМА саъю кӯшиши Ӯзбекистонро дар роҳи дигаргунсозиҳои демократиконии ҷамъият, ба рӯи об баровардани ислоҳоти иқтисодиву иҷтимоӣ ҷонибдорӣ мекунад, ки он бешак барои вусъат ёфтани равобит дар соҳаи иқтисодӣ мусоидат мекунад. Ба ин ҳоли ҳозир муовизаи савдои берунаи Ӯзбекистон бо ИМА қариб 300 миллион доллар буданаш гувоҳӣ медиҳад.

Ҷониби Амрико дар бобати амалӣ гардондани сиёсати сармоягузории хоричӣ ҳам нақши калоне мебозад, ба микдори зиёд корхонаҳои муштаракро дар Ӯзбекистон созмон медиҳад, онро бо техника ва технологияи пешқадам мечиҳозонад. Ба он созмон додани корхонаҳои муштараки «Зарафшон-Нюмонт», «Ӯз-Тексакс», «ӮзКейсмаш», «ӮзКейстрактор», «ӮзЭксайд» ва ғайра мисол шуда метавонанд. Мисоли натиҷаҳои мусбатро дар ҳамкории ширкатҳои амрикӣ дар бобати истихроҷи нафт, газ дида метавонем. Ӯмуман дар ҳудуди мамлакатамон 305 корхона бо ишторики сармояи амрикӣ фаъолияти доманадорро ба роҳ мондаанд.

Дар соҳаи молия, тайёркунии кадрҳо ва ғайра низ ҳамкориҳо натиҷаҳои дилхоҳ мебахшанд.

Алҳол Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримов мувофиқи таклифи Президенти ИМА Ҷорҷ Буш бо сафари расмӣ дар ин мамлакат меҳмон мебошад. Дар рафти он гуфтушунидҳо дар дарачаи воло, ҳамчунин вохӯриву сӯҳбатҳо ба сарварони вазорату идорахо, аъзоёни Сенат, Палатаи намояндагони Конгресси ИМА, доираҳои корчаллону ҷамъиятии мамлакати мазкур ба амал омаданд. Як қатор ҳуҷҷатҳои муҳими байнидавлативу байниидоравӣ ба имзо расиданд ва мерасанд. Далели мазкур, ки Президенти ИМА Ҷ.Буш Президенти моро натанҳо ба гуфтушунидҳои расмӣ, балки барои амалӣ гардондани як қатор вохӯриву мулоқотҳо дар сарзамини Амрико даъват кард, аз диққату эътибор ва ҳурмати алоҳида доштани маъмурияти ӯ нисбати Ислом Каримов гувоҳӣ медиҳад.

Боварӣ дорем, ки сафари расмии Президенти Ӯзбекистон Ислом Каримов, ки то 14 март давом мекунад, такони муҳим барои мутобиқсозии саъю кӯшиши ду мамлакат дар арсаи байналхалқӣ, мустаҳкам кардани заминаи ҳуқуқии муносибатҳои дуҷониба, ба вуҷуд овардани асосҳои дарозмӯҳлат дар бобати амалӣ гардондани вохӯриву мулоқотҳои оянда хизмат мекунаду уфуқҳои навро мекушояд.

Пазироии гарму ҷӯшони асар

Маросими муаррифии китоби Л.Левитин «Ӯзбекистон дар гардиши таърихӣ» дар Вашингтон ба амал омад.

Китоби мазкури профессор Л. Левитин аз ҷониби нашриётҳои баобрӯи «Вагриус»-и Россия ва «Кембриҷ»-и Британиёи Кабир ба забонҳои русиву англисӣ, баъд ба забони ӯзбекӣ дар нашриёти «Ӯзбекистон» рӯи ҷопро дидаанд. Маросимҳои муаррифии китоби мазкур дар Маскав ва Берлин бо муваффақияти калон гузаштаанд.

Дар китоби «Ӯзбекистон дар гардиши таърихӣ», ки аз тарафи сиёсатшиноси номдор, ки мамлакати моро хуб медонад, навишта шудааст, нуктаи назари муаллифро нисбати ҳаёти ҷамъияти ӯзбек дар даҳ соли охир дар бар гирифтааст. Ба китоби мазкур майлу шавқи китобхонон аз мамлакатҳои хориҷ баланд мебошад.

Маросими навбатии муаррифии китоби мазкур 4 март дар Вашингтон дар Пажӯҳишгоҳи Осиёи Марказӣ ва Кафқози назди Донишгоҳи ба номи Ҷойс Хопкинс ба амал омад.

Дар он намояндагони муассисаҳои давлатӣ ва ташкилотҳои ғайридавлатӣ, доираҳои илмиву корчаллонии ИМА, паёмнигороне иштирок намуданд, ки намояндагони нашрияҳои Амрико маҳсуб буданд.

Маросими муаррифиро директори Пажӯҳишгоҳи Осиёи Марказӣ ва Кафқоз--Мактаби тадқиқотҳои асосии байналхалқии Донишгоҳи Ҷойс Хопкинс Чарлз Фэйербакс кушод.

Дар суханронии худ ҷонишини аввали вазири умури хориҷии Ӯзбекистон С.Сафоев ба китоби Л. Левитин ҳамчун тадқиқоти мушаххаси муаммоҳои ҷиддии рушди минтақа ва Ӯзбекистон баҳои баланд дод, ки нақши Президенти мамлакатро дар бобати таъмини эҳёи миллии мамлакат дар шароити ғайриоддӣ кушода дода тавонистааст.

Л. Левитин дар маросими тақдимот суханронӣ карда, диққату эътибори иштирокдоронро ба он далел ҷалб сохт, ки имрӯз эътибори ҷомеаи ҷаҳонӣ, бештар ба Ӯзбекистон нигаронда шудааст. Вай зикр намуд, ки мамлакати мазкур дуру дароз боз дар маркази диққату эътибори Вашингтон ва дигар пойтахти мамлакатҳои Ғарб қарор гирифтааст. Баъди эълон гардидани истиқлолият мамлакати мазкур ба муқобили радикализми исломӣ собитқадамона мубориза мебарад.

Муаллифи китоб ҳамчунин зикр намуд, ки тадқиқгарони ислоҳотҳои куллӣ дар мамлакатҳои мухталиф ба сарварони онҳо, ба он шахсиятҳои номдор, ки ба рафти воқеаҳо бо ғояҳо, азму ирода, рафтори хеш таъсири ҳалкунанда расондаанд, майлу шавқи калон зоҳир намудаанд. Вақте ки Ислом Каримов сарвари мамлакат шуд, Ӯзбекистон «дар остонаи чуқури бетаг» буд. Сарвари давлат мамлакатро нигоҳ доштанаш лозим буд. Ва ӯ ин вазифаро бошарафона ба ҷо овард.

Ноиби президенти Клуби матбуоти миллии ИМА Питер Хикман дар маросими муаррифӣ суханронӣ карда, аз хусуси сафари ба қарибиноаш ба Ӯзбекистон нақл кард. Ӯ ба сифати назоратчии байналхалқӣ дар раъйпурсӣ иштирок карда буд. Вай зикр намуд, ки давлати мазкур сермиллат буда, замонависту худи таъриҳ ва ояндаи бузургаш ба ҳам созгорӣ пайдо кардаанд. Ӯзбекистон соҳиби неруи бузурги иқтисодӣ, маънавӣ ва илмии пешрафт буда, ба туфайли сиёсати роҳбарияти ҷумҳурият ва саъю кӯшиши халқи ӯзбек имрӯзҳо мақсадҳо бомуваффақият ба рӯи об бароварда мешаванд.

— Дар китоби Л.Левитин зикр ёфтааст, ки раванди ислоҳсозии давлат вақтро талаб мекунад ва он табиист, — суханронии худро бо ҳамин ҷумлаҳо оғоз намуд директори Барномаи тадқиқотҳои Осиёи Марказӣ ва Кафқози Донишгоҳи Йел Марта Блэкскол. Як қатор паёмнигорони Ғарб, ки ҳеҷ гоҳ дар Ӯзбекистон нашудаанд, менависанд, ки ислоҳотҳо дар мамлакат суст давом доранд. Онҳо он чизро ба назар намегиранд, ки омили асосӣ ҳини ислоҳсозии мамлакат на суръати амалӣ гардондани он, балки сифаташ мебошад. Чизи асосӣ на ҳамту ба даст овардани натиҷаҳо, балки натиҷаҳои мусбие мебошад, ки ҳукумати Ӯзбекистон аз паи он мебошад. Ман дар ин бобат шакку шубҳа надорам, ки Ӯзбекистон имрӯзҳо бо роҳи демократия ва иқтисоди озоди бозорӣ дилпурона пеш меравад.

Иштирокдорони маросими муаррифӣ фикру мулоҳизаҳои ҳудро ҳангоми мусоҳиба ба мухбирони ОИ «Ҷаҳон» чунин баён карданд, ки онро дар поён меовароем:

Ҷон БАЙЭРЛӢ, ***профессор оид ба масъалаҳои амнияти миллии Донишгоҳи миллии диф ҳ:***

— Вақте ки ман ба сифати мутобиқгари махсуси Департаменти давлатии ИМА оид ба мамлакатҳои ИДМ ба Тошканд сафар кардам, бо Президенти Ӯзбекистон И.Каримов вохӯрдам ва ҳамаи вақт мо ба фикри ягона дар ин бобати зарурати ҳамкории боз ҳам зич дар соҳаи амният омадем. Ба пиндори ман, чунин ҳамкорӣ ба амал омад ва рӯз то рӯз таҳким меёбад. Ӯзбекистон дар бадали тӯлонӣ гирифтори тахдид аз ҷониби ташкилотҳои мухталифи террористии байналхалқӣ буд. Хушбахтона, мо алҳол саъю кӯшиши қатъии ҳар ду ҷонибро дар бобати маҳв сохтани ин зуҳуроти ноинсонгарӣ мушоҳида мекунем. Аз он қаноатманд гардидам, ки Президенти Ӯзбекистон 11 март ба ИМА сафар мекунад ва бо Президенти мо вомехӯрад. Ба фикри ман, ин иқдоми хуб дар ҳамин бобат мебошад, ки ҳамкорӣ байни ИМА ва Ӯзбекистон бештар таҳким меёбад.

Давид ИСБУ, ***мушовир оид ба масъалаҳои диф ҳ ва умури хориҷӣ, муаллифи як қатор китобҳо оид ба Афғонистон:***

— Аз рӯи фаъолият бо масъалаҳои Афғонистон шуғл меварзам. Вале бояд тазаккур дод, ки нақши Ӯзбекистон дар бобати ҳаллу фасли муаммои мамлакати мазкур ниҳоят калон аст. Саъю кӯшиши муштараки мамлакатҳоямон, ки ба муқобили терроризми байналхалқӣ нигаронда шудааст, дарро барои ҳамкории васеъ бозтар намуданд. Ва ин муносибатҳо ба ҳар ду ҷониб муфиданд. Ҳукумати ИМА имконияти муҳим будани нигоҳ доштани мӯътадилӣ ва амниятро дар Осиёи Марказӣ барои бартараф сохтани чунин таҳдидҳо, аз қабили терроризми байналхалқӣ ва паҳн гардидани моддаҳои нашъамандӣ хуб дарк намуд. Бешак, ҳамкории мазкур дар оянда вусъат хоҳад ёфт ва дар рушди байналхалқӣ ва ҳамкории минтақавӣ ҳиссаи калонро гузошта метавонад.

Элли КРАКВСКИ, ***корманди калони илмии Пажӯҳишгоҳи сиёсати берунаи ИМА, доктори илми сиёсатшиносӣ:***

— Ҳамкории ИМА ва Ӯзбекистон дар муборизаи ба муқобили терроризми байналхалқӣ нақши калонеро бозид. Ман чунин меҳисобам, ки он аз бисёр ҷиҳат ба туфайли мавқеи шахсии Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримов ба даст омад. Иштироки фаъолонаи Ӯзбекистон дар муборизаи муштарак ба муқобили терроризм на танҳо аз тарафи маъмурияти ИМА, балки амрикоиёни оддӣ бо миннатдории калон пазируфта шуд ва боварӣ дорам, ки ҳамкории мазкур минбаъд инкишофи ҳудро пайдо мекунад.

Ҷонатан ЭЛКАЙНД, ***профессори Донишгоҳи Мэриленд:***

— Ба фикри ман, муҳим будани нақши Ӯзбекистон дар муборизаи ба муқобили терроризм барои ҷомеаи ҷаҳонӣ баъди воқеаҳои 11 сентябри соли гузашта махсусан назаррас гардид. Мамлакатҳои мо ҳамкории зичро дар соҳаи амният намоиш доданд. Имрӯзҳо ба ҳиссаи Ӯзбекистон вазифаи масъули таъмини амният ва мӯътадилӣ на танҳо дар Осиёи Марказӣ, балки дар доираи умумибашарӣ гузошта шудааст. Ман боварӣ дорам, ки ҳукумати ИМА минбаъд низ бо Ӯзбекистон дар самти мазкур фаъолияти доманадореро пеш мебарад.

Ҳамчунин, ба пиндори ман, барои Ӯзбекистон имкониятҳои нави ворид гардидан ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ фароҳам омадааст. Ҳоли ҳозир он нақши муҳимеро дар бобати ёфтани ҷои муносиби Ӯзбекистон дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ мебозад.

Маросими муаррифии китоби профессор Л.Левитин «Ӯзбекистон дар гардиши таърихӣ» дар Вашингтон, ҳамчунин баҳсу мунозираҳое, ки дар доираи он ба амал омаданд, аз баланд будани майлу шавқи аҳли ҷамъияти амрикӣ ба доираи васеи масъалаҳои алоқаманди таъриҳ, фарҳанг ва рушди вазъи кунунии Ӯзбекистон ва Осиёи Марказӣ гувоҳӣ медиҳад.

Аброр ҒУЛОМОВ, Баҳодир МАМАҶОНОВ, ОИ «Ҷаҳон». Вашингтон.

Ба пешвози иҷлосияи Олий Мажлис

Масъалаҳои ҳаётан муҳим

Аз қарори Кенгаши Олий Мажлиси Ҷумҳурияти Ӯзбекистон дар бораи даъват намудани иҷлосияи ҳаштуми парлумони мамлакат даъвати дуюм, ки дар саҳифаи якуми рӯзнома дарҷ гардидааст, пай бурдан душвор нест, ки ба муҳокимаи вакилони халқи Ӯзбекистон масъалаҳое пеш гузошта шудаанд, ки аҳамияти муҳими ҳаётӣ касб кардаанду барои муайян кардани тақдири минбаъдаи мамлакату давлату халқамон нақши муҳимеро мебозанд.

Онро бе ягон муҳобот ба ду тоифа ҷудо кардан мумкин аст. Аввало, аҳамияти калони сиёсӣ доранду баъдан бештар ба соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт дахл доранду нақши муҳимро дар пешрафти минбаъда мебозанд.

Ана, бигирем, масъалаи раъйпурсиро, ки 27 январи соли кунун дар саросари ҷумҳурият ба амал омаду саволҳои бо он пешгузошта мутааллиқи ду рукни ҳокимияти давлатӣ-қонунбарору иҷроия буд. Яъне ба вуҷуд овардани парлумони дупалатагиву тағйир додани мӯҳлати конституторсионии вакилати Президенти Ӯзбекистон аз панҷ ба ҳафт сол.

Чунон ки мебинем, баъди сипарӣ шудани рӯзи раъйпурсӣ вакилони халқ, парлумони мамлакат то ҳол корҳои бисёреро ба иҷро расондааанду фаъолияти босамарро оид ба таҳияи лоиҳаи консепсияи корҳои қонунбарорӣ баъди амалӣ гардондани раъйпурсӣ, лоиҳаи қонунро «Дар бораи натиҷаҳои раъйпурсӣ ва усулиятҳои асосии ташкили рукнҳои қонунбарорӣ, иҷроия ва судии ҳокимияти давлатӣ» таҳия намудаанду онҳо ба баррасии вакилони халқ пешниҳод карда мешавад. Ҳамчунин баррасӣ кардани доираи васеи масъалаҳое ҳам дар назар дошта шудааанд, ки бешак дар бобати суръатфизоӣ ва вусъати заминаи қонунгузории ислоҳоте нақши муҳим мебозад, ки таҳти сарпарастии Президент Ислом Каримов ба рӯи об бароварда мешаванд.

Чун одат вакилони халқ дар иҷлосияи аввали ҳар сол натиҷаи иҷрои Бучаи давлатиро дар соли сипаришуда мавриди муҳокима қарор дода, ба он аз рӯи пешгӯиҳои ба нақшагирифта баҳо медиҳанд. Яъне чиҳо ба даст омаду чиҳо ҳанӯз рӯи иҷроро надидаанд, баррасӣ мешаванд. Як далелро алоҳида зикр бояд кард. Вакилони халқ пеш аз ҳама ба рафти иҷрои пешгӯиҳо оид ба маҳсулоти умумии дохила ва вазни қиёсии нисбати дигар натиҷаҳои меҳиқтисодиёт баҳо медиҳанд. Бешак, онҳо далели нисбати соли 1991-ум 103 фоиз гардидани нақшаи маҳсулоти умумии дохиларо қайд мекунанд, ки он бурди ҳукумати мамлакати мо таҳти сарпарастии Президенти ҳуд мебошад. Ва ин нишондиҳанда дар шароите ба даст омадааст, ки мамлакат ду сол боз паи ҳам хушксолиро аз сар гузаронда, бо бӯҳроне рӯ ба рӯ гардидааст, ки алҳол иқтисодиёти ҷаҳонро фаро гирифтааст. Яъне дар бозори ҷаҳонӣ нархи бисёр маҳсулоти асосоровар паст фуромадаасту он як қатор муаммоҳоро ба миён меоварад.

Масъалаҳои дигаре, ки мавриди баррасӣ қарор мегиранд, ин лоиҳаи як қатор қонунҳои иқтисоди мебошанд, ки бо қироати дуюм пешкаш гардидаанд. Ба ҷумлаи он Кодекси шаҳрсозӣ, иттиҳоди вомгузорон, партовҳо, суғурта, ҳифзи амонати шаҳрвандон дар бонкҳо ва ғайраро шомил гардондан мумкин аст, ки аз чиҳати аҳамият аз якдигар мондани надошта, барои минбаъда амиқ гардондани ислоҳот дар соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқ нақши калоне мебозанд.

Алҳол тайёрӣ ба иҷлосияи навбатии парлумон авч гирифтааст ва минбаъд ҳаракат мекунем дар ин бора муфассал сухан ронем.

Т. ЭҲСОН.

Иди аз ҳама қадимаи мардумӣ

Ба Меҳанамон баҳор қадамҳои аввалини худро гузошт. Ва Баҳор, ки онро мо одатан аруси сол меӣӯем, ҳар яки моро ба иди аз ҳама қадимаи мардумии маҳбубамон Наврӯз наздик мегардонад.

Алҳол дар сар то сари ҷумҳурият тайёрӣ ба муташаккилона ва дар савияи баланд гузарондани иди мардумии Наврӯз авҷ гирифтааст. Дар ҳамаи зинаҳои мақомоти ҳокимият, дар ташкилотҳои эҷодӣ, муассисаву корхонаҳо барномаҳои махсус таҳия гардида, аз рӯи онҳо ба иди Наврӯз тайёрӣ мебинанд. Ҷамоатҳои эҷодкор бошанд, баробари андешидани тадбирҳои мухталиф аз паи амалӣ гардондани онҳо, ба ҳукми тамошогарон пешкаш кардани барномаҳои рангин мебошанд.

Чун одат, тантанаҳои асосии идона дар шаҳри Тошканд ба амал меоянд. Дар ин ҷо имрӯзҳо корҳои доманадор оид ба таҳияи барномаҳои тантанаҳо ва мувофиқи нақша амалӣ гардондани тадбирҳо ба иҷро расонда мешаванд.

Муштариёни азиз! Мо хабарҳои сершумори шумоёнро дар бораи тайёрӣ ба иди мардумӣ дар маҳалҳо ва мақолаҳоятонро дар хусуси иди аз ҳама қадимаи мардумиамон мунтазир ҳастем.

Идораи рӯзнома.

Наврӯз дар мекӯбад

Дар ноҳияи Янгийӯли вилояти Тошканд ҳам ба иди мардумии Наврӯз тайёрии ҳаматарафа мебинанд. Махсусан аҳли меҳнати шаҳри Янгийӯл тадбирҳои зиёдеро ҷомаи амал мепӯшонанд. Щаҳр тоза карда, ниҳоли дарахтони боровару манзаравӣ шинонда, кӯчаҳо асфалтфарш карда, обектҳои нав ба нави таъиноти мухталиф ба истифода супурда мешаванд. Ҳашарҳо гузаронда, дар онҳо маҳсусан ҷамоатҳои ҷамъиятҳои саҳҳомии «Ёгмой», «Биохим», «Дар-Ал-Салом», «Лаззат», агрофирмаи «Янгийӯл», автоколоннаи рақами 2503 фаъолона иштирок мекунанд.

Азбаски соли кунун Соли эъзози ҳуҳансолон эълон гардидааст, барои қадршиносии ҳуҳансолон диққату эътибори калон дода мешавад. Дар маҳаллаҳо, мактабҳо вохӯриву мулоқотҳо бо нафақахӯрон, маълӯлон, иштирокдорони Ҷанги дуюми ҷаҳон гузаронда, ба онҳо аз чиҳати моддӣ кӯмак мерасонанд.

Тантанаҳои наврӯзӣ дар варзишгоҳи марказии шаҳр ба амал меоянд. Дар ин ҷо барномаи махсуси театрикунондашуда, консерт бо иштироки санъаткорони касбӣ ва ҳаваскорон, дигар тадбирҳои оммавиву варзиш ба амал меоянд.

Алҳол ба он тайёрии пухта дида мешавад, то ки тантанаҳои наврӯзи хотирмон гузаранду арзишҳои миллӣ танҳо дар солҳои истиқлол эҳё гардиданашон бори дигар гӯшрас гардад.

(Хабарнигори мо).



Баҳром Эргашев ва Каниёр Ӯрдашев бо парвариши чорво дар хоҷагии фермерии «Балдерсой»-и ноҳияи Бӯстонлиқ шуғл меварзанд. Ба туфайли меҳнатдӯстӣ ва чашмикордонии онҳо барин коркунон натиҷаҳои истеҳсолии хоҷагии мазкур моҳ аз моҳ афзун мегардад.

Дар сурат: Б. ЭРГАШЕВ ва К.ӮРДАШЕВ хошоки дурушто барои хӯрондан ба чорво омода месозанд.

Аксбардор: Владимир ПОРТНОВ.

Огӯзи кишт

Деҳқонони хоҷагии ширкатии «Ӯзбекистон»-и ноҳияи Навоӣ дар вилоят аввалин шуда ба кишти пахта шурӯъ карданд. Дар қитъаҳои замин таҳти сарпарастии Бекшим Облоқулов, ки корҳои баҳории сахрӣ барвақт ба иҷро расонда шудааанд, рӯзи аввал дар зери пардаи сунӣ ба 7 гектар пунбадона кошта шуд.

— Дар зери пардаи сунӣ коштани пунбадона бартарияти калон дорад, — гуфт раиси раёсати хоҷагӣ Вафоқул Худойбердиев. — Соли гузашта мо аз ҳар гектар 57 сентнерӣ ҳосил бардоштем. Соли ҷорӣ ба 150 гектар дар зери пардаи сунӣ пунбадона коштанием. Соли оянда мо усули андиҷониёнро дар хоҷагӣ пурра татбиқ мекунем.

Ёрқул УМАР, мухбири ӮзА.

Барои озодагии шаҳру деҳот

Аз 1 март то 1 маи соли ҷорӣ дар Ӯзбекистон думоҳагии ободонии қарияҳои аҳолинишин ва баланд бардоштани вазъи санитариву эпидемиологӣ дар ҷумҳурият гузаронда мешавад.

Гузарондани рейдҳо оид ба назорат аз болои риоя кардани меъёру қоидаҳои санитарӣ дар обектҳои савдо, хӯроки умумӣ, муассисаҳои томактабии бачагон ва мактабҳо, нақлиёти истифодаи умум, бозорҳо, пешбинӣ гардидааанд. Бо қувваву мадади ташкилотҳои давлативу ҷамъиятӣ қитъаи замин ва роҳравҳои хонаҳои бисёрошёна ва манзили хусусӣ обод гардонда, чӯйҳо ба новачӯйҳои обгузар, чоҳҳои канализатсионӣ, маҳаллӣ ҷамъоварии ахлот, майдончаҳои бачагонаву бозиҳои мухталиф ба тартиб меафтанд. Аллакай шинондани ниҳоли дарахтони боровару манзаравӣ, сафед кардану баъ шакл даровардани ниҳоли дарахтони мухталиф оғоз ёфтанд. Дар тадбирҳои думоҳагӣ корхонаҳо, муассисаҳо, мақомоти худидораи шаҳрвандон фаъолона иштирок мекунанд. 16 март дар ҳама ҷо шанбегӣ гузаронда, маблағи аз он ҳосилгардида ба ҳисобсуратҳои бахшҳои Бунёди «Маҳалла» дар маҳалҳо гузаронда мешаванд.

«Туркистон-пресс».

Шароит фароҳам меорем

Чанде қабл аз ин дар сессияи ғайринавбатии вилоят президенти мамлакатамон И.А.Каримов камбудиҳову норасогиҳои соҳаи тибро дар вилояти Сурхондарё сахт танқид намуд. Воқеан ҳам агар ба кори мо бо назари танқид нигаред, камбудиҳои зиёд ҷӯй доранд.

Ташкили беморхонаи ёрии таъҷилӣ дар ноҳия то ба ҳол ба талаботи имрӯза ҷавоб намедиҳад. Аз ин хотир мо бо роҳбарони ноҳия ва нигаҳдории тандурустии вилоят қарор додем, ки як беморхонаи алоҳида ва мустақил бисозем. Дуртар аз шифохонаи ноҳия аз ҳисоби бинои боғчаи бачагон, ки солҳои зиёд бекор меистод, қарор додем беморхонаи ёрии таъҷилӣ созем. Ҳоло бо ташаббуси роҳбарияти шифохона ва ҳомиён ин бинои шифохона аз нав сохта мешавад. Кор дар ин ҷо бо ҷадал идома дорад.

Соли гузашта дар маҳаллаи «Навбаҳор» барои 6 ҳазор аҳолӣ такягоҳи духтури деҳот сохта, ба истифода супурда шуд. Чунин марказҳои тиббӣ дар хоҷагии ширкатии С. Сатторов, А. Набиев сохта шуданд. Дар ду шифохонаи мо 129 духтурони гуногунихтисос кор мекунанд. Зиёда аз 40 нафари онҳо дорои тоифаи дуввум ва олӣ мебошанд.

Хусусан хизмати бебаҳои духтурони ҳозиқ Рачаб Тӯрақулов, Гулзода Камолова, Ирода Шоимова, Мақсуда Имомова, Мусталло Алиев,Олим Утаевро сокинон қадр мекунанд.

Чуноне ки дар боло арз кардем, камбудиву норасогиҳо дар мо хеле зиёданд. Мо чунин камбудиҳоро дида чашм намепӯшем. Баҳри ислоҳи он аз имкониятҳо самаранок истифода мекунем.

Абдурашид ҒАНИЕВ, сардухтури Шифохонаи марказии ноҳияи Музработ.

Анҷумани навбатии Бунёд

Дар Маркази фарҳанги байналмилалии ҷумҳурӣ мажлиси навбатии ҳисоботи интихоботии Бунёди фарҳанги тоҷикони Тошканд «Ориёно» баргузор гардид.

Дар мажлис раиси Бунёди фарҳанги «Ориёно», узви вобастаи Академияи илмҳои ичтимоию педагогии Федератсияи Русия Давлатбек Саъдуллоев барои фаъолияти соли 2001 Бунёди «Ориёно» ҳисбот дод.

Баъд аз саволу ҷавобҳо аз рӯи баррасии ҳисобот аъзоёни раёсат музокирот бурданд.

Раёсати нав интихоб шуд, ки аз ёздаҳ нафар иборат аст.

Ҳисомиддин Абдувалиев рӯзноманигори моҳир, муҳаррири радиои берунмарзии Ӯзбекистон раиси Бунёди «Ориёно» интихоб гардид. Журналистон Шарофат Эрматова ва Тоҷибой Икромов, тадбиргар Абдуҷалол Қодиров муовин интихоб шуданд.

Барои рушду равнақи Бунёди фарҳанг аз ҷониби раёсат чандин пешниҳодҳо шуд. Ҳозирин ҳама ба фаъолияти Д. Саъдуллоев изҳори сипосгузорӣ намуданд. Аз ин боис ӯ, муовинонаш Тоҷибой Икромов ва роҳими ин сатрҳо бо Ифтихорномаи Маркази байналмилалии фарҳанги Ҷумҳурияти Ӯзбекистон тақдир гардиданд.

Холназар ӮРОЛЗОДА, котиби масъули Бунёди фарҳанги «Ориёно».

Авҷи корҳо



Дар шаҳри Қаршӣ низ дар бобати амалӣ гардондани корҳои ободонӣ ва сабзу хурамгардонӣ фаъолият доманадор аст. Алалхусус, ба таъмири биноҳое, ки пештар сохта шуда буданду аз чиҳати тарҳ ба асосҳои меъмории миллӣ ҷавобгӯ нестанд, диққату эътибори калон дода мешавад.

Минҷумла, бинои Шоҳистгоҳи роҳи оҳани шаҳри Қаршӣ имрӯзҳо симои ҳудро ба куллӣ тағйир медиҳад. Корҳои таҷдид ва азнавбарқарорқуниро аҳли меҳнати раёсати бинокории ҳисоби хоҷагии трести «Вилжамхӯжқурилиш» ба рӯи об мебароранд. Онҳо бо услуби шарқона корҳои тармимиро ба иҷро мерасонанд.

— Дар семоҳаи дуюми соли ҷорӣ корҳоро пурра ба иҷро расонда, ба бинои Шоҳистгоҳ умри дубора мебахшем, — мегӯяд сардори раёсати бинокорӣ Бахриддин Алламуродов. — Ва 600 миллион сумина корҳоро ба сомон мерасонем. Аз конструксияҳои замонавии оҳанӣ истифода бурда истодаем, ки баробари замонавӣ гаштани бино шарқона будани ҳудро намоиш медиҳанд.

Ногуфта намонад, ки ба туфайли аҳливу тифоқии ҷамоаҳои бинокориву маҳсулотрасон иҷрои корҳо аз нақша хеле пеш гузаштаанд.

Дар сурат: бинокорон **Мурод ХӮҶАЕВ, Аҳмад МИРЗОЕВ** ва **Ботир ХАЛИЛОВ.** Онҳо аз фирмаи «Сардор Импекс» буда, барои кӯмак аз Тошканд омадаанд.

Матн ва сурати Шомурод ШАРОПОВ (ӮзА).

Аз Экотуризм ҳанӯз бехабарем

Конфронси дуюми байналхалқии «Экотуризм ва Роҳи бузурги абрешим» дар меҳмонхонаи Шератон — Тошканд» ба амал омад. Он бо ташаббуси Бунёди байналмилалии ЭКОСАН, намояндагии Бунёди Фридрик Эберт (Олмон), Ширкати миллии «Ӯзбектуризм»доир гардид. Дар конфронс ба маконҳои ҷолиби диққати ҷумҳурӣ эътибори алоҳида дода шуд, ки дар он ҷойҳо ҳанӯз хизмати сайёҳӣ тақрибан ба роҳ гузошта нашудааст. Барои он ки дар маконҳои зебо ва дилфиреби табиати диёр чунин роҳҳои махсуси сайёҳӣ ба амал бароварда шаванд, он гӯшаҳоро ободу дилнишин бояд кард, ки баъд хизмати сайёҳӣ ба кор ояд. Намояндагони вилоятҳои ҷумҳурӣ , ки махсусан зарфияти ривоҷ додани экотуризмро соҳибанд, аз ин гӯшаҳои ҷолиби маҳаллӣ ҳуд нақл намуданд ва маълум гардид, ки то ҳанӯз ин гӯшаҳои ҷолиб аз назари сайёҳони хориҷӣ дур мондааст ва аз ҳамин сабаб ин маконҳо барои онҳо ошно нест. Барои ислоҳи ин камбудиҳо бояд аёниятҳои тасвирӣ ва хабарҳои мухтасар аз ин бобат таҳия карда шавад, ки хориҷиён аз вуҷуд доштани чунин гӯшаҳои табиати мо дарак ёбанд.

Хабарнигори мо.

Пажӯҳиши мукаммал

Охирҳои моҳи март 2500 — солагии шаҳри қадимаи Тирмиз васеъ таҷлил карда мешавад. Ба ҳамин муносибат ҷамоаҳои мухталиф ба ҳикмати «ба тӯй бо тӯёна» риоя карда, тӯҳфаҳои муносиби худро ҳозир мекунанд. Аз он ҷумла, ҳамкории олимону ноширон самараи хуби худро бахшид. Ба қариби Матбааи Консерни табъу нашри саҳҳомии «Шарқ»-и Тошкентшаҳр албом китоберо аз чоп баровард, ки «Тирмиз — шаҳри кӯҳану нав дар чорроҳаи роҳҳои бузург» ном дорад. Дар он маҳсулдасти олимон ҷамъ оварда, бо суратҳои сиёҳу ранга зеб дода шудааанд. Бояд тазаккур дод, ки баробари ба даст омадани истиқлолияти Ӯзбекистон майлу шавқи экспедитсияҳои мухталиф аз саросари ҷаҳон ба сарзамини мо, аз он ҷумла омӯзиши воҳаи Сурхон пурзӯр гардид. Ин аст, ки чанд сол боз экспедитсияҳои муштараки ҳафриётии «Ӯзбекистон — Олмон», «Ӯзбекистон — Ҷопон» харобаҳои Тирмизшаҳр, Шаҳристонҳои (димнаи) атрофи онро таҳқиқ намуда, бозёфтҳои калонеро ба даст оварданд ва дар ин бора бисёр маводҳо дар матбуот рӯи чопро диданд. Дар айни замон аз димнаву харобаҳои атрофи Тирмиз ва вилояти Сурхондарё бисёр осори атиқа ба даст омаданд, ки бо нодир будани худ фарқ мекунанд. Ва сурати ана ҳамин осори атиқаҳо аз саҳифаҳои албом-китоб ҷо пайдо кардааанд. Минҷумла, муштарӣ баробари варақ задани китоб пеш аз ҳама нигоҳаш ба муҳр, қадаҳҳои биринчиву сафолӣ меафтад, ки ба давраи биринчӣ мансубанду аз димнаи Чарқӯтон ёфт шудааанд. Ҳамчунин тасвирҳои мухталифе, ки ба ибодатхонаҳои будда мутааллиқанд, аз Фаёзтеппа ёфт шудааанду бо-иси майлу завқи калони ҳар як китобхон шуда метавонад. Ҳайкалчаҳои марду занон, ки аз димнаи Айритом ёфт шудаанд, низ арзиши пурқимати таърихиро моликанд. Агар кас суратҳои рангаро муоина кунад, ба зудӣ пай мебарад, ки ёдгориҳои таърихиву меъмории Тирмизшаҳр то чи андоза қадимианду аз бисёр ҳодисаву воқеаҳои таърихӣ, рушди фарҳанг дар ин сарзамин гувоҳӣ медиҳанд. Минҷумла, кас маҷмӯи ёдгории Ҳаким Ат -Тирмизӣ, ёдгории Кокилдорота, ёдгориҳои қадимаи мансуби садаҳои X — XI-и ҷазираи Пайғамбарро муоина карда, аз он бохабар мегардад, ки ниёкони мо то чи андоза пурҳунару зукко будааанд. Албом - китоб аз «Муқаддима», «Ғузашти таърихӣ», «Фарҳанги моддиву маънавӣ», «Торихнависӣ», «Хулоса», «Илова» ва дигар фаслҳо иборат буда, дар бораи таърихи ғузашта ва имрӯзи ин шаҳри бандарӣ маълумоти муфассал медиҳанд. Аз албом-китоб чанд мақолаву пажӯҳиши олимон ҷо пайдо кардааанд, ки аз хусуси имрӯз, дирӯз ва фардои Тирмизшаҳр нақл мекунанд. Онҳо аз далелу воқеаҳои таърихӣ саршор буда, дониши китобхонро дар бобати таърихи ин сарзамин хеле ғанӣ месозанд. Ана, бигирем мақолаи Ҷамолиддин Мирзоевро, ки «Сайидони Тирмиз» ном дорад. Олим сайидонро, ки дар таърихи Тирмиз нақши калон бозидааанд ба қалам дода, дар хусуси нуфуси онҳо дар олами мусалмонон маълумотҳои пурқиматеро баён сохтааст. Аз он ҷумла, нақшу аҳамияти онҳоро дар бобати рушди давлатдории Сомониён, Ғазнавиён, Салҷуқиён, Қорахониён, салтанати Темуриён ва ғайра бо мисолу далелҳои мушаххас исбот карда додааст. Доктори илмҳои филология Қудрат Ҳӯҷаев бошад, дар мақолаи худ « Роҳи нави шаҳри кӯҳна» дар бораи корҳое нақл мекунад, ки дар ин шаҳри қадима дар солҳои истиқлолият ба иҷро расонда шудааанд. Аз он ҷумла, муаллиф дар бораи тараққиёти иқтисодиву иҷтимоии шаҳр маълумотҳоро ҷамъ оварда таъкид кардааст, ки Тирмизшаҳр дар солҳои истиқлолият ба таври шинохтанашаванда симои худро тағйир додааст. Албом-китоб ба се забон иншо гардидааасту пажӯҳиши муҳиму мукаммал ойди Тирмизшаҳр ба ҳисоб меравад.

Насиба МАЪМУРОВА,
унвонҷӯй.



Ба пешвози 2500-солагии Тирмиз

Ҳусни нотакроре пайдо мекунад

Моҳи марти соли кунун дар яке аз шаҳрҳои қадимааамон Тирмиз тантанаҳо бахшида ба 2500-солагии ташкили он ба амал меоянд. Аҳли шаҳр ба ин тантанаҳо тайёрии хуб дида, бо ҳаҷми зиёд корҳои ободонӣ ва бунёдкориро ба анҷом расонда, ба шаҳри ҷоноҷонашон ҳусни нотакроре мебахшанд. Маълум аст, ки ба ҷашни шаҳри қадима меҳмонон чӣ аз мамлакатамон ва чӣ аз давлатҳои хоричӣ меоянд ва онҳоро ҳамчун мизбонони меҳрубон бо дастовардҳо бояд пешвоз гирифт ва тирмизиён имрӯзҳо аз паи ҳозир кардани тӯҳфаҳои муносибанд. Шаҳри Тирмиз дар арафаи 2500 - солагии ҷашни худ ба тавр шинохтанашаванда тағйир ёфта, симои худро ба куллӣ тағйир дода, хеле ободу зебо гардидааст. Аз он ҷумла, тамоми ёдгориҳои таърихиву меъморӣ, аз қабили Тирмиз ота, Султон Саодат, Кокилдор ота, мақбараи Қирқиз ва даҳҳо дигар ёдгориҳо аз тармим баромада, ба бар либоси тамоман навро гирифтааанд. Ҳамчунин биноҳои нав ба нави замонавие сохта мешаванд, ки ба ҳусни шаҳр ҳусни нав мебахшанд. Ба ҷумлаи ин обектҳо биноҳои Осорхонаи ҳафриётӣ, амфитеатр, Маҷмӯаи «Алпомиш», вокзали роҳи оҳани Тирмизро дохил кардан мумкин аст.

Дар суратҳо: 1.Бинои нави Осорхонаи вилоятии ҳафриётии шаҳри Тирмиз. 2. Намуди бинои Бахши вилоятии «Ғаллабонк» ва меҳмонхонаи «Сурхон».

Матн ва суратҳои
Искандар ХӮҶАЕВ (ӮзА).

Акси садо

Омӯзондани қоидаҳои забон шарт аст

Акси садо бесарлавҳа буд. Вале ба сабаби он, ки муаллиф ҷонибдори ба шогирдони мактаб омӯзондани сарфу наҳви (грамматикаи) русиасос аст, ба маводаш номи «Омӯзондани қоидаҳои забон шарт аст»-ро додем.

УМРУЛЛОЕВ дар навиштааш чун перомуни забон ва ҳусни баён баҳс дар миён меоварад, он мисли акси садоҳои пешина бетаҳрир ба хонанда пешниҳод гардид.

Бигзор, хонандагон худ хулоса кунанд, ки сатҳи забондонии онҳое, ки доир ба беҳбуди забон ва ҳусни баён мулоҳиза меронанд, дар кадом поя аст.

Бе омӯзиши грамматика ба хушбаёнию суханварӣ ноил шудан мумкин магар? Ҳини мутолиаи «Сухани фасеху расоям орзуст» ном мақолаи Абдулло Субҳон («Овози тоҷик» 27 октябри 2001) дар фақир ҳам баъзе фикру мулоҳизаҳо пайдо шуданд ва дар ин ҷо баён кардани онро лозим донистам.

Абдулло Субҳон дар ин мақолааш ба хушбаёниву суханҷустарӣ ва зебопарастӣ даъват мекунад, ки ин лоиқи таҳсин ва қобили қабул аст. Муаллиф боз бисёртар машғул шудани хонандагонро бо луғатомӯзию матнназбаркунӣ таклиф кардааст, ки инаш ҳам маъқул ва қобили қабул аст. Боз меғуяд, ки ба омӯхтани қавоиду қонунҳои грамматикӣ зарурате нест, ин қоидаву қонунҳо «дар асоси сарфу наҳви забони русӣ ба биён омада буд ва таи 70 сол иҷроӣ омӯзонда мешуд». Ва аз ин рӯ қоидаҳои забониро шогирдон як сол пеш аз хатми мактаб ба тариқи маълумот омӯзанд кифоя. Ба ин фикр розӣ шудан мушкил, зеро танҳо бо шарҳи луғату матнзёдкунӣ бе омӯзиши грамматика матлаб ҳосил намешавад ва ба мурод расидан ҳам душвор.

Дуруст аст, ки забони русӣ ва сарфу наҳви он ба забони мо бетаъсир намондааст. Муносибатҳои иқтисодиву маданиву фарҳангӣ таъсири худро мегузарониданд ва ин таъсирот аввало акси худро дар забонҳо меёбад ва аз ин лиҳоз таркиби луғавии забонҳо васеътар шуда, сохти грамматикиамон низ бе тағйир намемонад, забонҳо аз ҳисоби колои ҳамдигар ғанитар мегарданд, ки ин ҳодиса ба забони мо ҳам таалluқ дорад. Зоҳиршавии ин ҳолат ба гурӯҳи забонҳое, ки ба оилаи ҳиндуевропой шомиланд, бештар ва баралло намоён аст.

Қоидаву қонунҳои забони тоҷикӣ пештар ҳам буданд, амал мекарданд ва дар асоси ин қоидаву қонунҳо асарҳо эҷод карда мешуд. Шоиру нависандагони мумтози мо ҳам чи дар назму чи дар наср дар асоси ҳамин қолабҳо асарҳои ширадору ҷавҳардор офаридааанд. Мисолҳо меорам.

Ҳазрати А.Ҷомӣ фармудааанд:

Ба дандон рахна дар фӯлод кардан,
Ба нохун роҳ дар хоро буридан,
Фурӯ рафтан ба хокистар нагунсор,
Ба пилки дида оташпора чидан,
Ба фарқи сар ниҳодан сад шутӯр бор,
Зи Машриқ ҷониби Мағриб давидан,
Басе бар Ҷоҳ осонтар намояд,
Зи бори миннати дунон кашидан.

Дар ин порчаи шеърӣ ба ҷуз образнокӣ, фасеҳбаёнию суханҷустарӣ ва донишмандиву олиҳиммати қоидаҳои грамматикӣ ҳам риоя карда шудааст. Ин ҷумлаи соддаи дутаркибаи чидааъзо мебошад, ки мубтадояш чида шуда омадааст. Агар хонанда аз чиҳати назарӣ ҷумлаи соддаи дутаркиба ва чидааъзоро надонад, ин шеърро чӣ хел таҳлил карда, маъниҳоро мекунад. Донистани қоидаву қонунҳои грамматикӣ барои фаҳмидани маънову мазмуни шеър ва образҳо хеле ёрӣ медиҳад.

Фузулӣ гуфтааст:

Ба ҳар илме, ки дорӣ эҳтирофе
кун ба нодонӣ,
Ки доно чун шавад мағрӯр,
мехонанд нодонаш.

Яъне «ҳар чӣ қадар илмнок шуда бошӣ ҳам, манманӣ макун, худро нодон ҳисоб кун, агар доно мағрур шавад, нодонаш мешуморанд», гуфтаӣ мазмун ифода ёфтааст дар ин байт. Аз чиҳати грамматикӣ таҳлил кунем, маълум мешавад, ки ин ҷумлаи мураккаби омехта буда, аз ду сарҷумла ва ду ҷумлаи пайрав: пайрави хилофӣ ва пайравӣ шартӣ таркиб ёфтааст.

Байти поёнӣ аз Саъдӣ:

Ҳар кӣ бо пӯлодбозу панҷа кард,
Соиди симини худро ранҷа кард.

Ин ҷумлаи мураккаби тобеъ аз ҷумлаи пайрави мубтадо ва сарҷумла таркиб ёфтааст.

Дар ин ҷо ҳам қоидаи грамматикӣ баралло намоён аст, яъне Саъдии ҷаҳондидаву зиндагиомӯхта дар қолаби сарфу наҳви забони тоҷикӣ сухан гуфтааст. Ин мисолу таҳлилҳо гувоҳӣ онанд, ки грамматикаи забони тоҷикӣ бе таъсири забони русӣ ҳам вуҷуд дошт ва шоиру нависандагони адабиёти мумтози мо дар қолаби он асарҳо меофаридааанд.

Акнун таваҷҷӯҳ ба ин мисолҳо фармоед, ки аз насри бадеӣ мебошанду суханворон ва сеҳрофарони мумтози мо иншо кардааанд. Мисол аз «Гулистон»-и Саъдӣ. Ҳикоят бо ин ҷумлаҳо сар мешавад:

«Ду амирзода будаанд дар Миср: яке илм омӯхт ва дигарӣ мол андӯхт. Оқибатуламр он яке алломаи аср шуд ва он яке азизи Миср гашт»...

Дар ин порчаи насрӣ ҳам усули ҷумласозӣ ва сухангустарии Саъдӣ ба нормаҳои забони тоҷикӣ, ба қоидаҳои грамматикӣ, ки имрӯз ба хонандагон омӯзонда мешаванд, хеле мувофиқат мекунад ва хосу мос аст. Ҷумлаи якуми ин ҳикоят ҷумлаи мураккаби бепайвандаки пайваст буда, ҷумлаҳои дуюму сеюми он ҷумлаи якумро эзоҳ дода меоянд.

Як мисол аз «Рисолаи дилкушо»-и Убайди Зоконӣ.

Ҳикоят

Туфайлиро пурсиданд, ки:

— Иштиҳо дорӣ?

Гуфт:

Мани бечора дар ҷаҳон ҳамин матоъ дорам.

Дар ин ҷо дар шакли диалог омадани нутқи айнан нақлшуда намудор аст, ки ин ҳам яке аз қоидаҳои синтаксиси забони ҳозираи тоҷикист.

Қоидаҳои грамматикиро наомӯхта, хусусан мувофиқати мубтадою хабар, ҷои муайянкунандаю муайяншаванда, бо мавқеъ ва дуруст кор фармуда тавонистанӣ пешоянду пасоянду ва шаклҳои феъліро надониста, дар маънои томаш шахси саводнок ва суҳандон шудан амри маҳол аст.

Пас, хулоса ҳамин ки барои шогирдони мактаб луғатомӯзию матнназбаркунӣ ҳам лозим асту омӯхтани қавоиду қонунҳои забон ҳам зарур. Фақат шарти асосӣ он аст, ки қонунҳои грамматикиро на хушку холӣ, балки фаҳмида, ба тарзе ки дар амал ба тадбиқ он кӯшида, азхуд кардан лозим. Ба он ноил гаштан зарур аст, ки шогирдони мактаб он қоидаву қонунҳои омӯхташударо дар амал эҷодкорона тадбиқ карда тавонанд.

Якҷанд сухан дар хусуси он, ки суханони муаллиф баъд аз нутқи айнан нақлшуда ва дар мобайни он кор фармуда мешаваду ин ба табиати забони мо хос нест.

Дуруст аст, ки дар насри адабиёти мумтози мо сухани муаллиф ҳамеша пеш аз нутқи айнан нақлшуда меояд.

Ба фикри банда, қоидаҳои грамматикӣ ҳам як чизи шах шуда мондагӣ не. Бо мурури замон дар натиҷаи робитаҳои иқтисодию маданию фарҳанӣ онҳо ҳам каму беш тағйир ёфта меистанд. Аз ин ба ҳарос афтодан нашояд. Аз ин хел тағйиротҳо ба забон захму зиёне намерасад, баракс, барои ифода кардани фикрҳо имкониятҳои васеъ фароҳам меояд.

Забондонии худро намоиш доданӣ шуда, калимаҳои аз истеъмол мондаи архаистӣ ва душворфаҳми арабисохтро аз нав зинда карда, бемайлон кор фармудан ҳам хуб не. Ин ҳолат душворфаҳмиро ба вуҷуд меорад ва аз забони зиндаи халқ маъной дур шуданро дорад.

Масалан ба ҷои «махлут» омехта, «марбут» нагуфта таалluқдошта, «табъидшудагон»-ро қатаҳшудагон», «қавоид»-ро қоидаҳо, «манофеъ»-ро манфиатҳо гуфта кор фармоем, зиён дорад магар?Ба кор фармудани ин хел калимаҳои душворфаҳму камистеъмол зарурат ҳаст магар?

Дар ин масъала хулоса ҳамин, ки «на сих сӯзаду на кабоб», яъне бояд ба он муваффақ шавем, ки ҳам забонро урён карда намонему ҳам душворфаҳм нагардонем.

Дар охир як ҳоҳиш ҳам дорам. Дар ин масъалаҳои баҳсталаб, аз ҷумла, омӯхтан ё наомӯхтани грамматикаи забон хуб мешуд, забоншиноси варзида мӯҳтарам Мӯҳсин Умарзода ҳам фикру мулоҳизаҳои худро баён мекарданд, зеро эшон суханро дар тарозуи аҚл баркашида меғуянд ва фикру андешаҳои худро бо факту далелҳои раднопазир исбот карда медиҳанд.

Хушвақт УМРУЛЛОЕВ.

Аминзода дар Тошканд

Зимни сафари худ ба минтаҚа муовини вазири корҳои хоричии Ҷумҳурии Исломии Эрон Мӯҳсин АМИНЗОДА дар Тошканд низ меҳмон буд ва бо намояндагони баландпояи мақомоти расмии Ӯзбекистон мулоқотҳо намуд.

Дар ин бобат Мӯҳсин Аминзода дар сӯҳбати худ бо журналистон дар Маркази миллии матбуот нақл намуд.

— Мо дар муносибати худ ба Ӯзбекистон аҳамияти махсус медиҳем, — гуфт муовини вазир. — Ҳангоми мулоқот бо вазири корҳои хоричии Ӯзбекистон Абдулазиз Комилов аз хусуси сафари оянди президенти Эрон Саид Муҳаммад Хотамӣ ба Ӯзбекистон дар моҳҳои наздик ва инчунин вусъат додани муносибатҳои ояндаи ду мамлакат сӯҳбат оростем.

Бино ба суханони Аминзода мулоқоти ӯ бо раиси Ҳадамоти амнияти миллии Ӯзбекистон Р.Иноятов низ дар заминаи амнияти минтаҚа ва масъалаҳои марбут ба Афғонистони ҳамсоя табодули назар намудааанд. Ва албатта намояндаи олирутбаи Вазорати корҳои хоричии Эрон бо ҳамраиси ҳамкории иқтисодии Ӯзбекистон — Эрон, муовини нахуствазири ҷумҳурӣ Рустам Юнусов сӯҳбат доштааст, ки дар ин асно аз ҳамкориҳои тӯҷҷор ва тадбиргарони ду мамлакат сӯҳбат ба миён омадааст.

Муовини вазир зикр намуд, ки танҳо дар солҳои охир байни ду кишвар беш аз дувоздаҳ ҳӯҷҷат ба имзо расидааст. Ва Аминзода аз ҳаҷми табодули коло, ки соли гузашта 150 млн. доллорро ташкил намудааст, қаноатманд набудани худро изҳор намуд, ки барои афзудани он зарфият мавҷуд аст.

Дар сӯҳбати мазкур сафири Эрон дар Ӯзбекистон Ҳусайни Нароқиён низ ҳозир буд ва аз аҳамияти ин сафари муовини вазир ба минтаҚа ва Ӯзбекистон зикр намуд.

Т. ИКРОМОВ.

Иқтисоди бозаргонӣ ва хоҷагии ҷамоавӣ

1. Аҳлӣ – мушкилкушои муаммоҳо

«Ҷомаи бо маслиҳат кӯтоҳ намеояд», меғуянд дар урфият. Дар хоҷагии ҷамоавии шакли кушоди саҳҳомии «Маданият»-и ноҳияи Бухоро, ки раисаш Муҳаммадҷон Аҳмедов мебошад, супоришҳои ба ӯҳда гирифтаро муттасил барзиёд саранҷом мекунад. Дар замири ин комёбиҳо аз як гиребон сар бароварда, аҳлона меҳнат кардан мучассам гаштааст. Аз ин ҷост бо қарори ҳокими вилояти Бухоро (аз 20 ноябри соли 2000-ум) хоҷагии мазкур дар соҳаи пахтакорӣ ҳамчун мактаби кушоди таҷрибаомӯзӣ эълон шудааст.

— Мо усули бригадавии корро барҳам дода ҳама заминҳои корам ба соҳаҳо таҚсим карда шуданд. Пудратҳои оилавӣ рӯи кор омаданд. — меғуяд сардори раёсати хоҷагии саҳҳомии ҷамоавӣ Муҳаммадҷон ака. — 2190 гектар замин аз ҷониби деҳқонон эъзоз карда, дар он зироатҳои дилхоҳ рӯёнида мешавад. Бешубҳа, пахтакорӣ, ки манбаи асосии даромад мебошад, дар мадди аввал аст. Устодони ҳосили баланд соли ғузашта низ дар ин соҳа комёб буданд. Дар вилоят аввалин шуда нақшаро барзиёд ба ҷо ованданд. 8008 тонна пахтаи бо сифат супорида нақшаро 132,5 фоиз саранҷом карданд. Аз ин аҳли хоҷагиамон 683 миллион сӯм нафъи иқтисодӣ дид.

Ба кордонии деҳқонони ин хоҷагӣ ҳама тан доданд. Ҳосилнокии ҳар гектар аз 50 центнер афзуд. Раъҳонхон Ҷӯраеваро дар хоҷагӣ хурду калон, иззату эътиборашро ба ҷо меғузоранд. Ӯ бо аҳли оилааш дерест, ки дар пахтазор қувваозмой мекунад. Заминҳоро ба обу тобаш оварда, ҳар як ниҳоли ғӯзаро, бо меҳр парвариш кардан ба аъзоёни ин пудрат амали муқаррарӣ гаштааст. Пудратчӣ Раъно Ҷӯраева соли 2001-ум аз ҳар гектар 75 центнерӣ ҳосил рӯёнд.

Дар хоҷагӣ 1566 гектар замин ба оилаҳои пудратӣ бахри пахтакорӣ таҚсим мешавад. Пудратчиён Истад Тӯхтаева, Чиннӣ Файзиева, Ҳурмат Муҳаммадиева аз ҳар гектар замин ҳуд 60-70 центнерӣ «тиллои сафед» гирифтанд.

Дар ин ҷо баробари пахтакорӣ соҳаҳои дигари хоҷагиро низ ба манбаъи даромаду ризқурӯзӣ мубаддал намудан аҳлона мубориза мебаранд. Соли ғузашта дар 432 гектар майдон ғалла кошта1814 тонна ҷамъ 2416 тонна ғаллаи навъи аъло гирифтанд. Аз ҳар гектар замини кишт ҳосилнокӣ 56 центнериро ташкил дод.

Аз сабзавот, полиз, пилла, чорво, боғдорӣ ва хоҷагии гармхонаҳо инчунин даромади хоҷагии саҳҳомӣ ҷолиби диққат аст. Инро ҳисобу китоби умумии соли 2001-ум яккол нишон дод, ки он 20 миллиарду 239 миллион сӯмро ташкил кардааст.

2. Мардро чил ҳунар кам

Бо таҚозои ҳаёт дар ин ҷо корхонаи хурди маҳсулоти ширбарорӣ ба бунёд омад. Қувваи истеҳсолии он 2,5 тоннаро ташкил мекунад. Асбобу ускунаҳои он аз Исроил харид шудааст.

— Дар хоҷагӣ зиёда аз 700 сар чорвои шохдор мавҷуд, — меғуяд сардори корхонаи хусусӣ Шавкат Очилов.

— Мо бо ҳамкории мутахассисони Фаронса дар ҳудуди хоҷагӣ заводи пахтатозакуниро низ ба истифода супурдаем, — меғуяд, раиси ҷамоаи хоҷагии саҳҳомӣ Муҳаммадҷон Аҳмедов.

Корхонаи истеҳсоли консерваҳои сабзавоту меваҳо бо маҳсулоташ на танҳо аҳолии деҳотро, балки шаҳри Бухоро низ хушнуд менамояд. Бо сардории мутахассиси салиқадор Ориф Рӯзиев бинокорони хоҷагӣ биноҳои маданӣ-маишӣ, манзилгоҳҳо месозанд, ба шаҳрчаи навбунёди деҳ ҷамолу тароват мебахшанд, далели фикрамон шуда метавонад.

3. Деҳаи паҳлавонон

Варзишгарони номии хоҷагии ҷамоавии саҳҳомӣ на танҳо дар ҷумҳуриамон, балки дар майдонҳои ҷаҳонӣ низ ном баровардааанд. Дар намуди ғуштингирии самбо чемпиони собиқи ҷаҳон ва Аврупо Собир Қурбонов боиси фахри ҳамдиёрон гаштааст. Алҳол писари ӯ Акобир Қурбонов унвони чемпиони ҷаҳониро аз рӯи ғуштингирии «самбо» ба даст овардааст. Шарики ӯ Рауф Болтаев ҳам чун самбочии бомаҳорат ба гирифтани номи чемпионӣ ноил гашт. Дар талошҳои машқи самбо устои спорт чавонмарди боистеъдод Шуҳрат Очилов ҳам ба ҳоизаҳои олӣ соҳиб шудааст.

Устои хизматнишондодаи варзиш Фатҳулло Холиқов ва Бекмурод Рӯзиев дар тарбияи ҷавонон ва баланд бардоштани маҳорати ғуштингириашон ҳамаи истеъдодашонро ба харҷ медиҳанд. Дар ихтиёри варзишгарон зали боҳашами варзиш таҚдим карда шудааст. Стадиони ҷолиби диққати ҳозиразамон, имкон медиҳад, ишқварзони соҳаҳои дигари варзиш низ табъи дил машғул шаванд. Алҳол 180 нафар ҷавонони лаёқатманд бо намудҳои гуногуни ғуштингирӣ банд мебошанд.

— Ҷавононамон ба варзиш ва алалхусус ба ғуштингирӣ шавқу завқи беҳад доранд, — меғуяд мурабби номдор, устоди варзиш ХолиқаҚ Фатҳуллоев. — Онҳо дар мусобиқаҳои вилоятӣ ва ҷумҳурӣ ва ҷаҳонӣ фаъолона иштирок мекунанд. Аминҷон Файзуллоев, бародарон Ҳасан ва Ҳусен Аслоновҳо, Фахриддин Холиқов, Қурбон Эргашев, Ихтиёр Қӯлдошев, Фирдавс Ҷӯраев барин ғуштингирони ҷавону боистеъдод аз ҳоло дар ин ғуна воҳӯриҳо нишондиҳандаҳои баландро ноил гаштааанд.

Устоди баландихтисоси тарбиягари ҷавонон боз як намуди нави ғуштингириро дастгирӣ намудааст, ки он «таэквондо» ном дорад. Ба он алалхусус ҷавондухтарон бештар таваҷҷӯҳ менамоянд. Холиқако иштиёқмандии духтаронро ба инобат гирифта, дар ин рӯзҳо 10 нафари бештар лаёқатмандро ба як гурӯҳ ҷамъ оварда, машқу тарбияашонро ба ӯҳда гирифтааст. Дунё бо умед, ачаб не дар ояндаи наздик ин духтарони лобар дар қувваозмоиҳо иштирок варзида, шӯҳрати ҷамоашонро чун ҷавонмардони паҳлавони деҳот ба оламиён намоиш медиҳанд.

Бо ҳисси дили гарм аз хоҷагии ҷамоавии «Маданият» бармегаштем, ки ҳаёлоти хуше вуҷудамро фаро гирифт: истиқлолият ва озодии ба даст дароварда шуда дари дунёи орзую умедҳои одамонамонро васеъ кушодааст, ки онҳо бахри зебой ва фарвонии ҳаёташон сидқи дил мекӯшанду аз комёбиҳояш сарфарозанд.

Аминҷон ШУКУРОВ,
мухбири ҷамоатии «Овози тоҷик».

Арзишҳои абадӣ

Чинори азим

Ҳазрат Абдуҳолиқи Ғиҷдувонӣ соли 1103 дар шаҳри Ғиҷдувон дар оилаи имом Хоҷа Абдулҷамил Румӣ дида ба дунё кушодааст. Онҳо аз авлоди Имоми Молик буда, ба сулолаи шоҳи Рум ҳам мансубият доштааанд. Хоҷа Абдуҳолиқ дар оилаи таҚводор, муҳити мусалмонӣ ба камол расид. Зеро падараш оиларо аз пушти имомӣ хӯрондаву пӯшондааст.

Абдуҳолиқ дар синни нӯҳсолагӣ Қуръони Каримро пурра ёд карда, аз синни даҳсолагӣ дар маросимҳои мухталифи дарвешон иштирок мекард. Дар Бухороии шариф таҳсили илм карда, сирру асрори илми тафсирро аз олими машҳури замонааш Имом Садриддин омӯхт. Дар синни бистудусолагӣ таҚдир ӯро бо олими машҳур, шайхи шайхон Абу Ёқуб Юсуф Ҳамадонӣ рӯ ба рӯ кард. Вай дар ин ҷо ҳамроҳи Абдулло Баркӣ, Хоҷа Ҳасан Андоқӣ, Хоҷа Аҳмад Яссавӣ дар мактаби тасаввуф таҳсили илм гирифт. Асарҳои машҳури худ «Рисолаи соҳибия», «Рисолаи шайх уш-шуюх ҳазрати Абу Юсуф Ҳамадонӣ», «Мақомоти Хоҷа Юсуф Ҳамадонӣ», «Аз гуфтори Хоҷа Абдуҳолиқи Ғиҷдувонӣ» барин асарҳои илмиву маърифатиро офарид. Дар айни замон китобҳои машҳури худ «Насиҳатнома», «Мақсадул солиқин», «Маслакул орифин», «Одоби тариқат»-ро иншо кард, ҳамчун муаллифи як қатор рубоиҳои дорои мазмуни амиқи фалсафӣ машҳур гардид. Азбаски ҳазрати Абдуҳолиқи Ғиҷдувонӣ валиюллоҳи бузург, омӯзгор-тарбиятгар, алломаи номдор, файласуф ва шоир буданду ба пайдоиши тариқати нақшбандия саҳми калон гузоштааанд, бо номи Хоҷаи Ҷаҳон саросари дунёи машҳур гардидааанд ва дар ин бора дар сарчашмаҳои таъриҳӣ, минҷумла китобҳои «Фаслул китоби»-и Хоҷа Порсо, «Нафоҳатул-унс»-и Ҷомӣ, «Насоимул-муҳаббат»-и Навоӣ, «Рашахоту айнул ҳаёт»-и Алифи Сафӣ, «Тӯҳфат ас сирин»-и Носириддини Тӯра», «Тарҳи Муллозода»-и Аҳмад бин Маҳмуд Муллозода ва ғайра маълумотҳои зиёде гирд омадааанд.

Он кас шогирдони бисёрро ба камол расондааанд. Якеи он асосгузори тариқати Нақшбандия ҳазрат Баҳоваддини Нақшбанд мебошанд, ки устози худро ҳамчун асосгузори ин тариқат ба забон гирифтааанд.

Соли 1179 ҳазрати Абдуҳолиқи Ғиҷдувонӣ дар синни 76-солагӣ вафот кард. Ӯро дар қабристони маркази шаҳри Ғиҷдувон дар назди қабри модараш ба хок супурданд. Ва ин маскан солиёни дароз ҳамчун зиёратгоҳи муборак ба аҳли мусалмон хизмат кардааст. Сарчашмаҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки Мирзо Улуғбек ду маротиба омада, ин қабрро зиёрат намудааст. Дар атрофи қабр масҷиду мадраса сохтааст. То ҳол ин масҷиду мадраса ва чоҳи сангин мавҷуд аст.

Ҳамин тавр, соли оянда қайд кардани ҷашни Хоҷаи Ҷаҳон боз як далели равшани муносибати хайрхоҳона ба ғузаштагонамон, эҷодиёти онҳо мебошад. Зеро Хоҷа Абдуҳолиқи Ғиҷдувонӣ ҳамчун шахси соҳибмаълумот, салоҳияти мукаммали илмиву маърифатии худ яке аз чинорҳои азими маънавиёти миллиамон ба ҳисоб меравад. Ғояҳое, ки он кас ба ҳазинаи тафаккури маънавиётамон ҳадя кардааанд, тариқату асарҳои боқигузоштаашон яке аз решаи муҳими мафкураи исҳиқлоли миллиамон ва манбаи муҳими он гардидааст, ғуем ягон муболиғае намебуд.

Ҳоли ҳозир осори ҳазрати Хоҷаи Ҷаҳон ҳам дар Ғарбу ҳам Шарқ омӯхта мешавад. Асарҳои аллома ба тамоми аҳли башар хизмат менамояд. Ва ин чунин маъниҳ дорад, ки номи аллома абадан зинда аст.

Б. НОРАЛИЕВ,
номзади илми фалсафа.

Тайёрӣ ба «Универсиада-2002»

25 мои соли ҷорӣ дар Варзишгоҳи марказии шаҳри Бухоро универсиадаи дуюми ҷавонон-варзишгарони мактабҳои олии ҷумҳурӣ бо тантана оғоз меёбад. Ба ин маъракаи муҳим, ки олимпиадаи хурд низ меноманд, Бухорои Шариф тайёрии ҳаматрафа мебинад. Мо хостем, ки рӯзномахонони мӯҳтарамро бо рафти корҳои омодагӣ ҳисман шиносе кунем.

Бо ин мақсад бо ҳокими шаҳри Бухоро, депутати Олӣ Маҷлиси ҷумҳурӣ, сардори ситоди азнавсозии варзишгоҳи марказии «Бухоро» Карим КАМОЛОВ вохӯрда, каме сӯҳбат оростем.

— Карим Ҷамоловичи мӯҳтарам, оиди аҳамияти универсиада ва тайёрии Бухорои Шариф ба ин маъракаи муҳим каме сӯҳбат мекардед.

— Бояд таъкид намуд, ки Ӯзбекистони соҳибистиқлол дар давоми бештар аз даҳ соли сипаришуда таҳти раҳнамоии Президенти хирадманди худ ба комёбиҳои бемисли таъриҳӣ ноил мегардад. Соҳае нест, ки дар он дигаргуниҳои куллӣ ба амал наомада бошад.

Эҳсоси қадру қимати ватани соҳибистиқлол, ифтихор аз он, садоқат ба халқу ватани маҳбуб, ягонагию ҳаммаслакӣ, устуворӣ дар роҳи ғояҳои истиқлоли миллӣ барин омилҳо моҳияти асосии ин қабил тадбирҳоро ташкил мекунад.

Бухорои Шарифро яке аз гаҳвораҳои тамаддуни олам гӯем, муболиға намешавад. Вай ҳамчун маскани илму фарҳанг дар таъриҳи аҳли башар мақоми маҳсус дорад. Фарзандони асили ин шаҳри куҳан дар ҳама давру замон бо фазилатҳои беҳтарини худ ба дигарон намунаи ибрат шудаанд. Ҷавонмардони бухорӣ ба ғайр аз омӯхтани илму ҳунар бо намудҳои гуногуни варзиш низ шуғл меварзиданд. Хусусан ғӯштингирӣ байни онҳо хеле паҳн гардида, бо номи «услуби бухорӣ» машҳур гардидааст.

Бо шарофати соҳибистиқлол гардидани ҷумҳурӣ дар қатори дигар соҳаҳо варзишгарони бухорӣ низ ба муваффақиятҳои бемисл ноил мегарданд. Мо сарфарозем, ки ғӯштии бухорӣ имрӯз ба камол расида, вай бо номи «кураши ӯзбек» сайри олам мекунад.

Бухориён, алалхусус ҷавонон, варзишро дӯст медоранд. Дар шаҳри мо баргузор гардидани «Универсиада-2002»-ро мардум аллакай дар рӯзи анҷоми «Универсиада-2000» дар Намангон тавассути «оинаи нилгун» огоҳӣ ёфта буданд.

Аз ҳамон вақт инҷониб дар вилоят комиссияи тадорук амал мекунад. Ҳамаи корҳо мувофиқи нақша ҷомаи амал мепӯшад.

Пешбинӣ шудааст, ки Варзишгоҳи марказии «Бухоро» мувофиқи андозаҳои байналхалқӣ аз нав сохта шавад. Лоиҳаи сохтмони варзишгоҳро меъморони Донишкадаи лоиҳакашии Бухоро (Бухоро ЭЛИТИ) бо иштироки беҳтарин меъморони вилоят кор карда баромадаанд. Онро Шӯрои илмии ҷумҳурӣ маъқул ёфтаст. Нархи азнавсозии варзишгоҳ ба 4,8 миллиард сӯм баробар аст.

Аз ҳамин 1,5 миллиардашро таҷҳизоти варзишгоҳ аз қабили табло, прожектор, ускунаҳои телевизор ва ғайра ташкил мекунад.

Варзишгоҳ 22 ҳазор нафар тамошобинро ғунҷонда метавонад. Дар он аз рӯи ҳаждаҳ намуди варзиш мусобиқа ташкил намудан мумкин аст. Ин ҷо машқгоҳ, ҷои либосивазкунӣ, душхона, дӯхтурхона, саунаи, футболбозон, буфет ва дигар шароитҳо, ки ҷавобгӯи андозаҳои байналхалқист, сохта мешавад.

Дар сохтмони варзишгоҳ даҳ трести бинокорӣ ва зиёда аз бист ташкилоти вилоят, аз қабили ҷамъиятҳои саҳҳомии «Бухороқурилиш», «Бухоройӯлқурилиш», «Бухоронефтегазсаноатқурилиш», «Ӯзжамоақишлоққурилиш» ва ғайр аз ин бинокорони «Сталконструксия»-и «Ӯзмонтажспетстрой» ва бинокорони «Навоитоғметалкомбинат» дар сохтани айвони мудаввари нӯҳметра ва чор манораи панҷоҳметраи равшанкунӣ (прожикторҳо) иштирок менамоянд. Ҳоло 1200 нафар бинокорон ҳар рӯз дар ду баст кор мекунанд. Корҳои асосӣ дар дохили варзишгоҳ асосан поёнёфта, навбат ба пардоздиҳӣ омадааст.

Ният дорем, ки азнавсозии варзишгоҳро то охири моҳи апрел ба поён расонем. Ба ғайр аз варзишгоҳи асосии «Бухоро» боз шаш маҷмӯи варзишии шаҳр, аз қабили «Олимпия» «Ситора», «Семурғ», «Ёшлик», «Қасри техникҳо», варзишгоҳҳои Донишгоҳи давлатии Бухоро, Донишкадаи технологияи хӯрокворӣ ва саноати сабуки Бухоро, инчунин варзишгоҳҳои маркази ҳамаи ноҳияҳо ва ғайра ба маъракаи пешистода омода мегардад.

Баробари варзишгоҳҳо хобгоҳу марказҳои беҳтарини маъnavияту маърифати дар шаҳр воқеъбуда низ ба ихтиёри ҷавонон-варзишгарони ташрифоранда гузошта мешавад.

— Якчанд моҳ инҷониб дар кӯчаю маҳаллаҳои шаҳр ба масъалаи ободу хуррамгардонӣ эътибори ҷудогона дода мешавад, дар ин бора низ чанд сухан мегуфтед.

— Бо ташаббуси ҳокими вилоят ва мувофиқи нақшаи тадбирҳои тайёрӣ ба «Универсиада-2002» дар шаҳрамон дар ҳақиқат корҳои шоёни диққати ободкунӣ, сабзу хуррамгардонӣ ба амал бароварда мешавад.

Барномаи махсуси ҳокими вилоят таҳия ғардидааст, ки мувофиқии он дар бисту як кӯчаи калонтарини шаҳр корҳои мушаххаси ободонию кабудизоркунӣ, шиондани ниҳолҳои дарахту гул ба нақша гирифта шудааст. Дар ин кӯчаҳо кормандони масъули ҳокимиятҳои вилояту шаҳр чун вакил вобаста гардидаанд. Аз сабаби он ки ободкунии шаҳр кори умумихалқист, тамоми корхона, ташкилот, муассиса ва таълимгоҳҳое, ки дар ҳудуди ин кӯчаҳо воқеъ гардидаанд, ба ин тадбири муҳим фаъолона иштирок мекунанд.

То имрӯз рӯду заҳкашҳои ғирду атрофи шаҳр тоза гардиданд, каналҳои нав сохта шуданд, дар натиҷаи канда баровардани ҳазорҳо метри мукааб хоҳҳои зиёдатӣ сатҳи майдонҳо суфтаю ҳамвор ба чашм мерасанд. Ин қабил тадбирҳо хусусан дар хиёбонҳои ба номи А.Навоӣ, Ғиҷдувон, Қаюм Муртозоев, Т.Авезов ҷомаи амал пӯшиданд. Танҳо баъди иҷрои ҳамин гуна тадбирҳо дар ҷойҳо пешбинишуда ниҳолҳои арчаю санавбар ва гул шионда шуда, онҳо шодоб мегарданд ва қитъаҳо ба кишткор тайёр мешаванд.

Алҳол дар кӯчаҳои марказии шаҳр бештар аз 30 ҳазор бех дарахт, 50 ҳазор бех ниҳоли гул шионда шуда, дар майдони зиёд гулҳои гуногун кошта шуданд.

Ин корҳо ҳамон идома доранд.

Сӯҳбаторо Амрулло АВЕЗОВ, хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.

Маърӯзаи солона

Кумитаи байналмилалии назорати маводи мухаддира маърӯзаи худро барои соли гузашта эълон намуд, ки ба ин муносибат дар намояндагии ин кумита бо сарпарастон ва масъулини ин соҳаи мақомоти расмии Ӯзбекистон сӯҳбати журналистон ба амал омад.

Аз суханронии намояндаи кумитаи номбурда дар минтақа ҳонум Антонелла Деледда маълум гардид, ки нашъамандон дар вақтҳои охир аз ҷумлаи занҳо бештар афзудааст. Дар соли гузашта расман 18 ҳазору 807 нафар мубталои ин беморӣ ба қайд гирифта шуда бошад, як ҳазору яксаду чили се нафар аз он аз ҷумлаи чинси латиф мебошад. Ва умуман дар ин соли ҳисоботӣ теъдоди нашъамандон дар мамлакат 28 дарсад нисбат ба соли пешин зиёд гаштааст.

Намояндагони мақомоти қудратии ҷумҳурӣ, ки масъулини соҳаи мазкур мебошанд, гуфтанд, ки бо ба ифоқа омадани вазъи сиёсӣ ва низомии Афғонистон тронзити маводи мухаддира коҳиш ёфтааст. Бо вуҷуди ин кашондани он аз тариқи Ӯзбекистон ба қайд гирифта мешавад. Соли 2001 дар ҳудуди ҷумҳурӣ ба миқдори 2997 кг. маводи мухаддира мусодира гаштааст.

Бино ба суханони намояндагони Кумитаи байналмилалии назорати маводи мухаддира, бо вуҷуди ором гардидани вазъи Афғонистони ҳамсоя аз он хотирҷамъ гардидан нашояд, зеро то ҳанӯз ягона қути лоямути деҳқононӣ он кишвар танҳо кишти ин зироат будааст. Аз ин боис мамлакатҳои кӯмакрасони Афғонистон кӯшиш менамоянд, ки барои иваз намудани кишти кукнор бо дигар навъи зироат ёрдам диҳанд, ки то қадри имкон ин корро ҷумҳурии ҳамсояи он Эрон ба ӯҳда гирифтааст.

Раиси кумитаи мазкур Ҳамид Қудсӣ дар паёми худ ба муносибати эъломи маърӯзаи солона гуфтааст, ки василаҳои нави технологӣ дар назди мутасаддиёни ин ҷода низ мушкилоти муайяне эҷод менамояд, ки дар ин замина ӯ аз шабакаи ҷаҳонии Интернет ёд намудааст.

Т. ИКРОМОВ.

Ба ҷои табрик

Ифтихори шогирдон

Агар омӯзгор як умр наомӯзад, ба хонандагону донишҷӯён сабақ дода наметавонад. Пайваста омӯхтан кори саҳл нест.

Яке аз чунин шахсони заҳматдида устоди Донишгоҳи давлатии Самарқанд Марҳабат Исматова мебошад. Вай доираи назару жарфои пажӯҳиши илми забонро аз устодони хеш омӯхт ва дар рӯзгори худ пазируфт. Ӯ таи зиёда аз 30 сол дар ҷараёни таълиму тарбияи мутахассисони ҷавон ширкати фаъол варзид. Дар ин муддат миқдори зиёди дастранҷу корҳои илмии ӯ ба табъ расиданд.

Исматова Марҳабат соли 1942 дар деҳаи «Ашӯрчиркин»-и шаҳри Самарқанд дар оилаи деҳқон таваллуд ёфтааст. Соли 1959 мактаби 22-юми шаҳрро бо баҳои аъло хатм намуд. Мавсуф аз тифлӣ дилбохтаи адабиёту шеъри тоҷикӣ буд. Ӯ ҳар гоҳ ба шогирдонаш мегуяд, ки — «Ман аз осори бузургони адабиёти классикӣ ва муосир баҳра бардоштам. Ҳанӯз ташнаи омӯхтани осори диру зу имрӯзи адибонам».

Марҳабат Истамова чун омӯзгору тадқиқгар ва пуртоқат ба масъалаҳои гуногун ва мушкили илми забон таваҷҷӯҳ мекунад. Диққати ӯро махсусан мавзӯъҳои калимасозӣ, шевашиносӣ, таъриҳи забони тоҷикӣ ба ҳуд ҷалб намудааанд. Яке аз масъалаи асосӣ дар тадқиқотҳои илмии доцент Исматова тарзи таълими мавзӯъҳои забон аст. Чунончӣ, тарзи таълими «Ҳол дар синфи VI», «Калимаҳои касбу ҳунар дар синфҳои V-VIII-и мактабҳои тоҷикӣ» ва ғайраҳо дар мачалаю рӯзномаҳо интишор гардиданд.

Дертар ӯ бо сарварии устоди мехрубонаш, профессор Насриддин Шаропов мавзӯъҳои тозаи забоншиносиро ихтиёр намуд. Дар ин ҷода аз ҳисоби хоби ширинаш мижа таҳ накарда омӯхт ва дар як вақт кӯдакони хурдсоли хешро танҳо намонда тарбия намуд. Саъю кӯшиши садоқат ба халқу ватани маҳбуб, ягонагию ҳаммаслакӣ, устуворӣ дар роҳи ғояҳои истиқлоли миллӣ барин омилҳо моҳияти асосии ин қабил тадбирҳоро ташкил мекунад.

Бухорои Шарифро яке аз гаҳвораҳои тамаддуни олам гӯем, муболиға намешавад. Вай ҳамчун маскани илму фарҳанг дар таъриҳи аҳли башар мақоми маҳсус дорад. Фарзандони асили ин шаҳри куҳан дар ҳама давру замон бо фазилатҳои беҳтарини худ ба дигарон намунаи ибрат шудаанд. Ҷавонмардони бухорӣ ба ғайр аз омӯхтани илму ҳунар бо намудҳои гуногуни варзиш низ шуғл меварзиданд. Хусусан ғӯштингирӣ байни онҳо хеле паҳн гардида, бо номи «услуби бухорӣ» машҳур гардидааст.

Бо шарофати соҳибистиқлол гардидани ҷумҳурӣ дар қатори дигар соҳаҳо варзишгарони бухорӣ низ ба муваффақиятҳои бемисл ноил мегарданд. Мо сарфарозем, ки ғӯштии бухорӣ имрӯз ба камол расида, вай бо номи «кураши ӯзбек» сайри олам мекунад.

Бухориён, алалхусус ҷавонон, варзишро дӯст медоранд. Дар шаҳри мо баргузор гардидани «Универсиада-2002»-ро мардум аллакай дар рӯзи анҷоми «Универсиада-2000» дар Намангон тавассути «оинаи нилгун» огоҳӣ ёфта буданд.

Аз ҳамон вақт инҷониб дар вилоят комиссияи тадорук амал мекунад. Ҳамаи корҳо мувофиқи нақша ҷомаи амал мепӯшад.

Пешбинӣ шудааст, ки Варзишгоҳи марказии «Бухоро» мувофиқи андозаҳои байналхалқӣ аз нав сохта шавад. Лоиҳаи сохтмони варзишгоҳро меъморони Донишкадаи лоиҳакашии Бухоро (Бухоро ЭЛИТИ) бо иштироки беҳтарин меъморони вилоят кор карда баромадаанд. Онро Шӯрои илмии ҷумҳурӣ маъқул ёфтаст. Нархи азнавсозии варзишгоҳ ба 4,8 миллиард сӯм баробар аст.

Аз ҳамин 1,5 миллиардашро таҷҳизоти варзишгоҳ аз қабили табло, прожектор, ускунаҳои телевизор ва ғайра ташкил мекунад.

Варзишгоҳ 22 ҳазор нафар тамошобинро ғунҷонда метавонад. Дар он аз рӯи ҳаждаҳ намуди варзиш мусобиқа ташкил намудан мумкин аст. Ин ҷо машқгоҳ, ҷои либосивазкунӣ, душхона, дӯхтурхона, саунаи, футболбозон, буфет ва дигар шароитҳо, ки ҷавобгӯи андозаҳои байналхалқист, сохта мешавад.

Дар сохтмони варзишгоҳ даҳ трести бинокорӣ ва зиёда аз бист ташкилоти вилоят, аз қабили ҷамъиятҳои саҳҳомии «Бухороқурилиш», «Бухоройӯлқурилиш», «Бухоронефтегазсаноатқурилиш», «Ӯзжамоақишлоққурилиш» ва ғайр аз ин бинокорони «Сталконструксия»-и «Ӯзмонтажспетстрой» ва бинокорони «Навоитоғметалкомбинат» дар сохтани айвони мудаввари нӯҳметра ва чор манораи панҷоҳметраи равшанкунӣ (прожикторҳо) иштирок менамоянд. Ҳоло 1200 нафар бинокорон ҳар рӯз дар ду баст кор мекунанд. Корҳои асосӣ дар дохили варзишгоҳ асосан поёнёфта, навбат ба пардоздиҳӣ омадааст.

Ният дорем, ки азнавсозии варзишгоҳро то охири моҳи апрел ба поён расонем. Ба ғайр аз варзишгоҳи асосии «Бухоро» боз шаш маҷмӯи варзишии шаҳр, аз қабили «Олимпия» «Ситора», «Семурғ», «Ёшлик», «Қасри техникҳо», варзишгоҳҳои Донишгоҳи давлатии Бухоро, Донишкадаи технологияи хӯрокворӣ ва саноати сабуки Бухоро, инчунин варзишгоҳҳои маркази ҳамаи ноҳияҳо ва ғайра ба маъракаи пешистода омода мегардад.

Баробари варзишгоҳҳо хобгоҳу марказҳои беҳтарини маъnavияту маърифати дар шаҳр воқеъбуда низ ба ихтиёри ҷавонон-варзишгарони ташрифоранда гузошта мешавад.

— Якчанд моҳ инҷониб дар кӯчаю маҳаллаҳои шаҳр ба масъалаи ободу хуррамгардонӣ эътибори ҷудогона дода мешавад, дар ин бора низ чанд сухан мегуфтед.

— Бо ташаббуси ҳокими вилоят ва мувофиқи нақшаи тадбирҳои тайёрӣ ба «Универсиада-2002» дар шаҳрамон дар ҳақиқат корҳои шоёни диққати ободкунӣ, сабзу хуррамгардонӣ ба амал бароварда мешавад.

Барномаи махсуси ҳокими вилоят таҳия ғардидааст, ки мувофиқии он дар бисту як кӯчаи калонтарини шаҳр корҳои мушаххаси ободонию кабудизоркунӣ, шиондани ниҳолҳои дарахту гул ба нақша гирифта шудааст. Дар ин кӯчаҳо кормандони масъули ҳокимиятҳои вилояту шаҳр чун вакил вобаста гардидаанд. Аз сабаби он ки ободкунии шаҳр кори умумихалқист, тамоми корхона, ташкилот, муассиса ва таълимгоҳҳое, ки дар ҳудуди ин кӯчаҳо воқеъ гардидаанд, ба ин тадбири муҳим фаъолона иштирок мекунанд.

То имрӯз рӯду заҳкашҳои ғирду атрофи шаҳр тоза гардиданд, каналҳои нав сохта шуданд, дар натиҷаи канда баровардани ҳазорҳо метри мукааб хоҳҳои зиёдатӣ сатҳи майдонҳо суфтаю ҳамвор ба чашм мерасанд. Ин қабил тадбирҳо хусусан дар хиёбонҳои ба номи А.Навоӣ, Ғиҷдувон, Қаюм Муртозоев, Т.Авезов ҷомаи амал пӯшиданд. Танҳо баъди иҷрои ҳамин гуна тадбирҳо дар ҷойҳо пешбинишуда ниҳолҳои арчаю санавбар ва гул шионда шуда, онҳо шодоб мегарданд ва қитъаҳо ба кишткор тайёр мешаванд.

Алҳол дар кӯчаҳои марказии шаҳр бештар аз 30 ҳазор бех дарахт, 50 ҳазор бех ниҳоли гул шионда шуда, дар майдони зиёд гулҳои гуногун кошта шуданд.

Ин корҳо ҳамон идома доранд.

Сӯҳбаторо Амрулло АВЕЗОВ, хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.

Кӯмаки навбатии Ҷопон

Намояндагони сафоратхонаи Ҷопон дар Ӯзбекистон ба гранти навбатӣ имзо гузоштанд, ки он ҳамагӣ 441 ҳазору 681 долларро дарбар мегирад. Аксарияти ин маблағ барои мактабҳои таълими ҳамагонӣ муқаррар гаштааст.

48 ҳазору 500 доллари он барои маркази микрохирургияи чашми вилояти Тошканд аз рӯи лоиҳаи «Таъсиси маркази минтақавии микрохирургияи чашм» ҷудо гардид, ки ин ягона муассисаи ғайритаълимӣ дар ин рӯиҳат буд.

Мактаби № 178 ноҳияи Чилонзори пойтахт барои лоиҳаи «Таҷҳизи мактаб бо дастгоҳҳои нави таълимӣ» аз 53 ҳазору 496 доллар баҳраманд ҳоҳад шуд. Дигар мактаби пойтахт дар ноҳияи Юнусобод барои чунин лоиҳа 60 ҳазору 732 доллар бояд бигирад. Барои мактаби №8 шаҳри Чирчиқ бошад, 49 ҳазору 567 доллар барои нав кардани таҷҳизоти таълимии худ муқаррар гаштааст.

Мактаб-интернати рақами дуюми шаҳраки Янги Бӯстон дар ноҳияи Зарбдори вилояти Ҷиззах ҷойгир аст, ки ба 84 ҳазору 309 доллар шабакаи таъмини оби худ ва дигар корҳои сохтмониро анҷом ҳоҳад дод.

Аз вилояти Фарғона якбора чор мактаб — яке дар шаҳраки Чимён (№12) ва мактабҳои №2,7 ва 16 дар шаҳри Марғелон инчунин аз ҳиммати ҳукумати Ҷопон барои тармим ва ободонии таълимгоҳҳои худ истифода мебаранд.

Т. МИРҲАЁЕВ.



Дар роҳи ҳифзи саломатӣ

Маълум аст, ки Маркази ҷумҳурии ёрии оҷилӣ бо хизмати намунавии худ ба дигарон ибрат мегардаду дар роҳи ҳифзи саломатии мардум нақши калоне мебозад. Аз ҳамин сабаб бахшҳои он дар вилоятҳо, ноҳияҳо созмон дода мешаванд. Яке аз чунин бахшҳо дар Нуқус арзи ҳастӣ карда, ба ҳуд маркази илмии кӯмаки оҷилии тиббиро ном гирифтааст. Коркунони он имрӯзҳо дар ноҳияҳои аз ҳама дуршворгузару дурдасти Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон меҳмон гардида, фаъолияти босамари ҳудро намоиш медиҳанд. Аҳли меҳнати Маркази илмии ёрии оҷилии шаҳри Нуқус дар роҳи ҳифзи саломатии мардум ба комёбиҳои калон муваффақ гардида, ба боварӣ ва эътимоди калони мизоҷон сазовор мегардад.

Дар сурат: лаборант-рентгологи марказ **Рашид ШЕРИМБЕТОВ.**

Матн ва сурати Амонбой МУРОДОВ (ҲзА).

Ёфт намешуд, магар хуб намебуд?

Занаке, ки дар шаҳри Лежи Белгия ҳаёт ба сар мебурд, дар болои пули дарёи Масс таваққуф намуда, ба писараш хост маблағ диҳад, то ки майдачӣда харида, шикамашро сер кунад. Вале вай пулро аз ҷайбаш бароварда, ҳанӯз ба писараш дароз накарда, яккора тӯфоне бархесту пулро парронда, ба поин бурд. Пулҳо ба сутунҳои такягоҳии кӯпрук дармонданд. Илоҷи фуруд омадан ва ба даст овардани он намонд.

Ҳамин вақт сӯхторхомӯшкунандагон аз ин ҷо гузаштанду раҳмашон магар омад, бе ягон пурсиш ба ресмонҳо овезон шуда, ба поин фуромаданд. Пулҳоро гирифта, ба занаку писараш доданду раҳмат шуниданд. Зану писар роҳи бозор, сӯхторхомӯшкунандагон роҳи ҳӯтқи кории ҳудро пеш гирифтанд.

Баъди чанд рӯзи ин воқиа занак варақаи идораи сӯхторхомӯшкиниро гирифта, дар ҳайрат монд. Барои ба онҳо баргардонда додани ҳазор франк идораи сӯхторхомӯшкунӣ ҳаққи хизматро 9600 франк муқаррар кардааст.

— Ҳамон пул ба об афтида нест мешуд, беҳтар мебуд, — ин воқиаро шарҳ дода мегуяд занак.

Заҳрдору сирнок

Морҳоро танҳо барои гирифтани заҳрашон намедоранд. Аз он ҷумла, дар Ҳиндустон аз «чашми айнакдор»-и мори авфӣ барои ороиши сӯмка ва ё ҷайбдони занон истифода мебаранд. Пусти онро низ барои тайёр кардани маҳсулоти чарчинворӣ кор мефармоянд. Аз ҳамин сабаб ҳар рӯз дар иёлати Мадрас 500 дона мори авфӣ пӯст канда мешавад. Дар айни замон сеҳргарон аз хизмати морони авфӣ баҳравар мегарданду дандони заҳрдори он ҳатман кашида партофта мешавад.

Ҳарчанд морҳо кувваи хуби шунавой надоранд, вале аз таъсири мусиқӣ ба шавқ меоянд ва қомати ҳудро рост карда, ҳар гуна ҳаракатҳои мароқоварро ба ҷо меоваранд. Табиатшиносон мегӯянд, ки морҳо на аз рӯи садои мусиқӣ, балки ба ҳаракати асбоби мусиқӣ нигоҳ карда, қомати ҳудро намоиш медиҳанд.

Ҳиндуҳо барои дуздида рафтани морҳо аз манзилашон роҳ намедиҳанд. Агар ба шарте, ягон касро мор газад, онро иноятӣ Парвардигор мепиндорад ва чунин меҳисобанд, ки шахси моргазида дар назди Оллоҳ гунаҳкор аст. Ва он бошад, барои ошкор сохтани сирру асрори морҳои заҳрдори мамлакати мазкур имкон намедиҳад. Аз ин рӯ саҷда кардан ба мор дар баъзе маҳалҳои Ҳиндустон авҷ гирифтааст. Алалхусус бо иштироки морҳои авфӣ дар ин ҷо сайлҳо гузаронда мешаванд.

Узвҳо вазифаи ҳудро иҷро накарданд

Бино ба нақли равоншиноси машҳури ҷаҳон Ҷазаре Ломброзо чашмони бинои духтарбачае нобаҳангом бе ягон сабаб қобилияти ҳудро аз даст доданд. Ба қудрати илоҳӣ духтарак тавассути бинӣ ва гӯши чапаш қобилияти биной пайдо кардааст.

Масалан, шоҳидон ду чашми духтаракро маҳкам баста, матнро ба пешаш гузоштаанд. Вай бе ягон душворӣ онҳоро бо биниву гӯшаш ҳондааст. Ба назди гӯшаш чароғи барқии ниҳоят калонро овардаанд. Духтарбача аз вай гурезон шудааст. Яке аз шоҳидон ҳаракат кардааст, ки ангуштони ҳудро ба ковоки бинии духтар дарорад. Аз ин духтарбача хашмгин гашта, ҳуро сарзаниш кардааст.

Ачибаш ҳамин аст, ки бинии духтарбача то охири умраш бӯйро ҳис накардааст ва гӯши ӯ ба садо аҳамияте надода будааст.

Намоишгоҳи ачиб

Садорати полиси шаҳри Амстердам ҳар сол намоишгоҳи ачибро ба ҳукми тамошогарон пешкаш менамояд. Дар намоишгоҳ одатан нигораҳое пешкаш мегарданд, ки аз зебу зиннат, зарру ҷавоҳир, асбобу ускунаҳое, ки аз сангҳо ва маъданҳои ғаронбаҳо тайёр шудаанд, асарҳои санъат иборатанд. Ҳамаи онро кормандони полис аз дасти дуздон, яғмогарон, кӯчокчиён мусодира кардааанду соҳибонашон ёфт нашудаанд. Баъзе тамошогарон аз дидани молу мулки рабудаашон ба таҳлуқа афтанд ҳам, даъво намекунанд, ки ин мол аз они онҳост. Чунки барои баргашта гирифтани он бисёр даву ғеҷ кардан, остонаи бисёр ташкилотҳоро охурча кардан лозим меояд. Дар айни замон маблаги зиёда ҳам харҷ мегардад. Аз ин рӯ бисёрии онҳо аз баҳри амволи рабудашуда мебароянд.

Ба фикри кормандони полис ин намоишгоҳ ба асаби онҳое бештар мерасад, ки дуздӣ, яғмогариро пешаи ҳуд интихоб кардаанд.

Тугмаи зумрад ва ё омади аз даст рафта

Вишпара Гуптан дар шаҳри Акола ҳаёт ба сар мебарад. Қашшоқ аст ва аз ҳамин сабаб ҳар рӯз ҳатман се-чор ахлотхонаро муоина карда, барои ҳуд қути лоямут меёбад.

Яке аз рӯзҳо ӯ ахлотхонаеро титу пит карда, чакмани кӯҳнаро пайдо кард. Ҳарчанд дарбеҳҳои зиёд дошт, тугмаҳоро канда гирифту чакманро боз ба ҷояш партофт.

Дар роҳ қашшоқи шикораш «барорнагирифта» ба шиноси деринааш рӯ ба рӯ гардид, ки дар маҳоза чарчинворӣ корбаст буду аз сирру асрори зарғарӣ бохабар буд. Баробари нишон додани тугма ранги рӯи шиноси Гуптан тағйир ёфт ва якҷоя ба ахлотхона давиданд. Вале чакман дар ҷояш набуд. Маълум гардид, ки тугма аз зумрад тайёр шуда, арзиши калонеро молик будааст.

Аз бекорӣ — кадукорӣ

Михаил Голдеери 50-солаи сокини шаҳри Волжски Россия асту доимо аз паи амалӣ гардондани орзуҳои нест дар ҷаҳон мегардад. Аз он ҷумла, машҳур шудани ҳудро бо роҳи ғайриоддӣ хост. Яъне ба «аз бекорӣ — кадукорӣ» гуфтагӣ барин ба нею нестони духтурон нигоҳ накарда, ба кати ҷарроҳӣ хобид. Бинии ҳудро дарозтар карда, гӯшашро каме «бурронд». Он ба дилаш магар нанишаст, «дароз кардани» қади ҳудро фикр карда баромад. Баъди ҷарроҳӣ дар бадали ним соат қади вай ба 6 сантиметр зиёд гардид. Аз ин «ғалаба» рӯҳбаланд гашта, Михаил аз паи «ҷавон» шудани ҳуд алҳол мекӯшад. Яъне дар бадали чанд моҳ хурок нахурда, танҳо бо тарбияи чисмонӣ машғул гардида, тани сергӯштаро лоғар кард, мӯйҳояшро ранги сиёҳ зада, дандонҳояшро нав карда, алҳол тез-тез ба сурати ҷавониаш нигоҳ карда, қомати ҳудро ба он мувофиқ месозад.

Ин рафтори ҳудро Михаил ба шиносону ношиносон алалхусус ба табибон «аз бекорӣ — кадукорӣ» гӯён тавзеҳ медиҳад.

Турфа олам

Овози тоҷик

МУАССИСЛАР: Ӯзбекистон Республикаси Олӣ Мажлиси ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тоҷик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир Эсон Турдиқулов.
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе мебарояд.
Рӯзнома дар компутерхонаи идора чинда, саҳифабанд гардид.

Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи дӯ интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.

Рӯзнома дар Кумитаи давлатии матбуоти Ӯзбекистон номнавис гардидааст. Тартиби номнависшуда № 16. Г - 259.
Теъдоди чоп 3000.

Ҳисоби сурати мо дар бонк: Ҳ/С 20212000800101767001, МФО 00423. Шӯъбаи Меҳнати ЖСБ дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор: **А. СУБҲОН.**
Мусаҳҳеҳон: ДОДОБОЕВА М. ФАЁЗОВА Т.
Саҳифабанд: Г. Раҳимова.

Нишонии мо:
700047 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ 133 - 82 - 83; шӯъбаи мактубҳо ва корҳои оммавӣ 136 - 57 - 28.
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ», нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.